ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №2 (347) 7-уми марти соли 2024, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)

## ЗИНДАГӢ АЗ МОДАР САРЧАШМА МЕГИРАД



*Дӯстони азиз, ҷавонмардон, мардҳои муҳтарам, мову шумо нафақат дар як Рӯзи Модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем.*

*Ҳар яки мову шуморо модар ба дунё ҳаст кардааст.*

*Ғайри модар - зан дигар муъҷизае ҳаст, ки инсон офарад ба дунё?*

*Ва чӣ қадар азият мекашад?*

*Пас мо ба модар чӣ гуна ғамхорӣ накунем? Гуфтам, боз мегӯям, такрор ба такрор мегӯям.*

*То вақте ки ҷон дорем, то вақте ки нафас боқист, ғамхорӣ кунед, меҳрубон шавед.*

*Касе, ки беҳурматӣ мекунад, дуои неки падару модарро намегирад, умри бобаракат намебинад.*

*Модар нисбат ба фарзанд доимо меҳрубон аст.*

*Сухане, ки аз модар мешунавӣ, меҳрубоние, ки аз модар мебинӣ, ягон шахси дигар гуфта ва карда наметавонад.*

*Бинед, вақте ман сафар мекунам ба ҳар як гӯшаи канори мамлакат, эътибор медиҳам ба модарҳои калонсол.*

*Ба чеҳраи онҳо нигоҳ мекунам, мисле, ки модари худам бошанд.*

*Вақте ки дасти модаронро нигоҳ мекунӣ, ожангҳои онҳоро нигоҳ мекунӣ, ба сару либосашон нигоҳ мекунӣ, ба чеҳраашон нигоҳ мекунӣ, бо вуҷуди тамоми вазнинӣ меҳрубонанд.*

*Забони ширин доранд, дуои нек мекунанд.*

*Нагӯед, ки модар надорем, ҳамин модари тоҷик барои ҳамаи мову шумо модар аст.*

*Куҷое, ки равем, модарвор мову шуморо меҳрубонӣ мекунанд.*

*Модарвор.*

*Намегӯянд, ки ин фарзанди кӣ аст?*

*Мисли писари худашон, фарзанди худашон меҳрубонӣ мекунанд.*

*Чӣ гуна мо хизмати онҳоро накунем?*

*Яъне ман гуфтанӣ ҳастам, ки мо тоҷикон, ки миллати фарҳангӣ ҳастем, бояд таҳаммулгаро ва инсондӯст бошем.*

*Иззату эҳтироми якдигарро донем, махсусан, шахсони калонсолро.*

*Ин маслиҳати дӯстонаву бародаронаи ман ба шумо, ба ҳар як фарди ҷавони Тоҷикистон.*

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

ЧОЙГОҲИ ЗАН ДАР «ШОҲНОМА»...




БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ




МОДАРАМ ОЛИҲАИ ДУНЁИ МАН




ҶАШНҲОИ БУЗУРГИ АҶАМИЁН...




ХАБАРҲО



*Ширинии умри ман ҳамон аст, ҳамон,*
*Қанде, ки аз остини модар хурдам. Д. Сафар*

Анвори дониш
№2 (347), ПАНҶШАНБЕ, 07.03.2024

# ЗАН БУЗУРГ АСТ

Зан-модар бузургтарин муъҷизаи Кирдгор, сароғози зиндагӣ, сарчашмаи меҳру вафо, шамъу чароғи рӯзгор, нахустин мураббӣ ва омӯзгори инсон аст, ки ба олами ҳастӣ нобиғаҳову қаҳрамонон, адибону муҳаққиқон, барҷастатарин сиёсатмадоронро эҳдо намуда, то нафаси вопасин ба андешаи фарзандон аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо камоли эҳтирому самимият аз қудрату тавоноии зан-модар пайваста дар ҳар як Суханрониҳояшон таъкид намуда, иброз медоранд, ки: "Бузургии зан-модар пеш аз ҳама дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиякунанда ва ба камолрасонандаи фарзанд, инчунин нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошад".

Воқеан, ҳамин бузургӣ ҳаст, ки дар дарозои таърих мавҷудияти муассири зан намуна ва мисолҳои зиёди шуҷоатмандӣ, қаҳрамонӣ, маърифатпарварӣ, қавиирodaгӣ, сабру таҳаммулгарой, фарҳангсолорӣ, садоқатмандию вафодорӣ ба вуҷуд оварда, дар ташаккули инсоният мавқеъ ва манзалати мондагор касб намудааст.

Дар ин росто, зани тоҷик ҳамчун меросбари тамаддуни оламшумули форсу тоҷик дар баробари анҷоми рисолати модарию ҳамсарӣ, хоҳариву дилбарӣ инчунин нақши фарҳангсозии густурда дошта, саҳми назарраси худро дар таҳкими оила, рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ ба намоиш гузоштааст.

Маҳз расидан ба Истиқлолияти давлатӣ барои занону бонувони тоҷик дари бахту саодати навро кушода, баҳри беҳбуди шароити кору зиндагии занон, таъмини иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсиву фарҳангӣ, пешбарӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда, рушди соҳибкорӣ, ба таҳсил тибқи квотаи Президентӣ ҷалб намудани духтарони лаёқатманд баҳри таҳкими мавқеъ ва манзалати онҳо заминаи боэътимод фароҳам овард.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ давлату ҳукумати кишвар, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоӣ ва фаъолияти занонро дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода, 1993 Конвенсияи байналмилалӣ "Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон"-ро қабул кардааст. Ҳамчунин, тадбирҳо ва иқдомоти амалигардонидаи Ҳукумати кишвар бо қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳои давлатӣ чун: Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" (аз 1 марти соли 2005); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон" (аз 6 майи соли 2006); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила"; қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022"; қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нақшаи амали "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" ба занону бонувони кишвар руҳбаландӣ ва нерӯи тоза бахшида, майлу завқи онҳоро барои ворид шудан ба ҷомеа, саҳм гирифтан дар пешрафту шукуфоии давлат афзун намуд.

Занону бонувони тоҷик дар симои Пешвои маҳбуби миллат ва татбиқи сиёсати хирадмандона ва модарпарваронаи миллат эҳтирому арҷгузории бепоён ва эътимоди қавӣ эҳсос намуда, ҷавобан ба ин ғамхориҳо дар баробари тарбия ва камолоти маънавию ҷисмонии фарзандон, ҳамакнун тарбияти наслҳои нави миллатро дар руҳияи худогоҳиву худшиносӣ, хувияту ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва шоистагии комил дар ҳифзу ҳимояи марзу буми аҷдодӣ вазифаи муқаддаси худ мешуморанд.

Имрӯз нақши кору пайкори созандаи бонувони тоҷик баҳри ҳифзу нигаҳдошти дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ бо заҳмату фидокориҳои беназир пешорӯи ҷомеа намоён буда, сазовори таҳсину офарин аст.

Зани имрӯзаи тоҷик сиёсатмадор, олими тавоно, омӯзгор, табиб, ихтироъкор, бинокор, соҳибкори муваффақ, корманди мақомоти қудратӣ, афсари шуҷоъ, ҳунарманди чирадаст, забондону соҳиби маърифати воло ва кордониву маҳорати шоиста буда, ин ҳама тавоноиву зарфиятҳои ҳирфаиро ба фарзандони миллат таҳмил менамоянд.

Ба бахти баланди миллат имрӯз бонувони тоҷик дар самтҳои мухталиф ва афзалиятноки илму маориф, ки аз соҳаҳои меҳварӣ дар рушди ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол махсуб меёбад, бо таҳқиқотҳои мӯшикофона ва дар амал татбиқшаванда машғул буда, айни замон дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 372 нафар занону бонувон фаъолият доранд, ки 188 нафари онҳо омӯзгор ва қисмати боқимондаро кормандонии техникию хоҷагӣ ташкил медиҳанд. Аз ин теъдод 44 нафар дорои дараҷа ва унвони илмӣ, 2 нафар доктори илм, профессор, 42 нафар номзади илм, дотсентон мебошанд, 16 нафари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият доранд.

Занону бонувони донишгоҳ бо шукргузорӣ аз дастгириҳои пайвастаи давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои маҳбуби миллат ҷиҳати баланд гардидани сатҳу сифати таҳсилот, ба роҳ мондани корҳои идеологӣ, тарғибу ташвиқи адабиёту фарҳанги миллӣ дар таълиму тарбияи насли ҷавон-ояндасозони миллат саҳми муносиб мегузоранд. Онҳо дар озмунҳо, конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби Диплому Ифтихорномаҳо ва мақомҳои ифтихорӣ мегарданд.

Саҳми бонувон дар тақвияти нерӯи зеҳнии донишҷӯён, истифодаи усулҳои интерактивии таълим, баланд бардоштани сатҳи саводнокии иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, истифодаи самараноки ТИК дар раванди таълим, татбиқи таълими салоҳиятнокӣ дар доираи лоиҳаҳои байналмилалӣ ва "Рушди таҳсилоти олӣ" назаррас буда, барои рушди малакаҳои сарварии духтарон, ҷалби духтарон ба ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, ба кор дар вазифаҳои роҳбарикунанда, омодагии онҳо ба ҳаёти оилавӣ, фарҳанги пӯшидани либоси миллӣ курсҳои "Мактаби сарварии духтарон", мизҳои мудаввар бо иштироки собиқадорони меҳнат, вохӯриҳои пайваста бо падару модаронро роҳандозӣ менамоянд.

Дар давраи ҳассоси раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳдиди хатарҳои номатлуби радикализми динӣ, терроризму экстремизм ва ғайра, мо омӯзгорон, хоса бонувон вазифаи ҷонии худ мешуморем, ки ҷиҳати расонидани таъсири мусбӣ дар ташаккули афкори шаҳрвандон, бахусус донишҷӯён, аз нозукиҳои тарбия баҳри ҳифзу нигаҳдошти манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангию таърихиамон дасти кор бигирем.

Аз ин рӯ, бонувони донишгоҳ пайваста талош бар он доранд, ки барои рушду камолоти маънавии ҷавонону наврасон, таҳкими рукнҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, гиромидошти фарҳанги пурғановати миллӣ ва татбиқи ғояҳои созандаи давлату ҳукумат дар анҷом додани рисолати хеш боризона ва садоқатмандона ҳиссагузор бошанд.

Орзуи ҳар як модари тоҷик аз он иборат буда, ки дар самои кишвари азизамон ҳамеша кабӯтари сулҳ дар парвоз ва дар ҳар як хонадони тоҷик файзу баракат, шодию нусрат побарҷо бошад!

Бигзор аз домони поки модари тоҷик амсоли Пешвои маҳбуби миллат ва чеҳраҳои мондагори таъриху фарҳанг ва адабиёти оламшумул садҳо нобиғаҳо арзи ҳастӣ намуда, мояи ифтихор ва пойдории шуҳрати беканори миллат бошанд!

Рӯзи модар муборак, ҳамдиёрони азизу арҷманд!



*Шарофат Худойдодзода,*
*муовини ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба муносибатҳои байналмилалӣ*

### РОҲАТИ РӮЗГОРИ МАН, МОДАРИ ҶОНИ ҶОНИ МАН

*Роҳати рӯзгори ман, модари ҷони ҷони ман,*
*Хонаи ганҷбори ман, модари ҷони ҷони ман.*
*Шеъри ману китоби ман, модари ҷони ҷони ман,*
*Гармии офтоби ман, модари ҷони ҷони ман.*

*Тори таронаи дилам, сози ягонаи дилам,*
*Нур ба хонаи дилам, модари ҷони ҷони ман.*
*Меҳри Худою доварам, ҳодияму мададгарам,*
*Роҳнамою раҳбарам, модари ҷони ҷони ман.*

*Чашми ба роҳи ту маро дар ҳама ҷо мададгаро,*
*Эй ҳама тан дилу вафо, модари ҷони ҷони ман.*
*Ранҷ барӣ барои мо, дар раҳи муддаои мо,*
*Меҳри ту раҳкушои мо, модари ҷони ҷони ман.*

*Кулии орддор пур, як сабад аз анор пур,*
*Хонаи баччадор пур, модари ҷони ҷони ман.*
*Ҷойнамози тоатат аз мани беибодатат,*
*Кай зи ман аст роҳатат? Модари ҷони ҷони ман.*

*Сояи туст бар сарам давлати бахтпарварам,*
*Аз ту хазинаи зарам, модари ҷони ҷони ман.*
*Ман Ҳақи ҳақгузори ту, баччаи номдори ту,*
*Тифлаки беқарори ту, модари ҷони ҷони ман.*

### ВАФОИ МОДАРӢ

*Кош бошад модарам бо ҷабрҳои модарӣ,*
*Ҷабрҳое, ки бувад меҳру вафои модарӣ.*

*Меҳри дунё ҳеҷ дар пеши ҷафое, ки зи уст,*
*Кош, дунё ҳам раво бинад ҷафои модарӣ.*

*Дар ҷазои модарӣ бошад ҳалимӣ, эй фалак,*
*Кош бошад дар ту ҳам ин сон ҷазои модарӣ.*

*Бо садои қаҳргинаш раҳми дил якҷо бувад,*
*Раҳми дил ёбад ҷаҳон кош аз садои модарӣ.*

*«Аллаи модар» фароғат оварад дар ин ҷаҳон,*
*Эй ҷаҳон! Омӯз раҳм аз «Аллаҳо»- и модарӣ.*

*Шири модар чашмаи умр асту кӯрӣ мекунад*
*Он худоҷӯро, ки нашнохт ин атои модарӣ.*

*Саҷдаҳо бурданд модарро ҳама пайғамбарон,*
*То ризои Ҳақ биёбанд аз ризои модарӣ.*

*Рав дуои модаратро гир, эй дилҷӯйи Ҳақ,*
*Файзи зоти покро ҷӯ аз дуои модарӣ.*

*Меҳри дунё ҳеҷ бошад пеши «ҷабр»-е, ки зи уст,*
*Бояд омӯзад ҷаҳон ҷабру ҷафои модарӣ.*

### РУБОИЁТ БАРОИ МОДАР

*Ин хурду калон зи туст, модар, модар,*
*Ин ному нишон зи туст модар, модар,*
*Бе ҳастии ту ҷаҳон надорад ҳастӣ,*
*Ҳастии ҷаҳон зи туст, модар, модар.*

* * *

*Яктост ба мо замину яктост само,*
*Яктост зи доди чарх хуршед ба мо.*
*Мисли ҳама он чи ки ба дунё яктост,*
*Бо меҳри Ватан ба мост модар, якто.*

* * *

*Модар, некӣ ба даҳр мероси ту аст,*
*Хубӣ ба ҳама неку бадон – хоси ту аст.*
*Ихлос маро ба хизмати халқу Ватан*
*Аз ҳурмати шири поку ихлоси ту аст.*

* * *

*Модар, модар, ягона ғамхор тӯӣ,*
*Шабҳо бари маҳди тифл бедор тӯӣ.*
*Дунёст чу тифли ғашу бо меҳри бузург*
*Дунёи чу тифлро парастор тӯӣ.*

* * *

*Модар, дили поки ту ҷаҳони дигар аст,*
*Дорои замину осмони дигар аст.*
*Мӯят, ки зи ранҷи модарӣ гашт сафед,*
*Чун субҳи сафеди умру бахти башар аст.*

*Ҳақназар Ғоиб*

# ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР «ШОҲНОМА»-И ҲАКИМ ФИРДАВСӢ ВА ОСОРИ ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ



Пеш аз ҳама бояд ишора кард, ки ҷойгоҳи зан дар миёни мардуми эронитаборон, аз ҷумла тоҷикон, аз замони бостон вижагиҳоеро доро буд, ки метавон аз он вижагиҳо бо ифтихор сухан гуфт. На ҳама қавмҳои рӯйи замин чун эронитаборонон дар бовариҳои динниии (пешазисломии) хеш, бағбонуҳо, яъне модархудоён ё бонухудоён доштанд. Дар замони боварҳои диннии меҳрпарастӣ яке аз чаҳор худои ин дин Анаҳито унвон дошт, ки сарпарасти обҳои пок, фаровонӣ ва некандешӣ буд. Дар «Шоҳнома»-и бемарги Ҳаким Фирдавсӣ симои зан бад – он гуна ситоиш ёфтааст, ки шояд дар адабиёти ҷаҳонӣ касе аз сухансароёни шинохта натавониста бошад ба он мартаба бирасад.

Пажӯҳишгарони зиёди Эрон ва ҷаҳон дар даҳсолаҳои ахир ба мавзуи зан дар «Шоҳнома» таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд ва бахше аз онҳо чун Нёлдекеи олмонӣ бар он бовар будаанд, ки «занон дар Шоҳнома нақши фаъоле надоштаанд ва танҳо замоне зоҳир мешаванд, ки ҳавас ё ишқе дар миён бошад». Аммо ин биниши донишманди хориҷӣ, новобаста дар мақоми баланди илмӣ қарор доштанаш, наметавонад як шахси ба ин асари ҷовидонӣ бо чашми жарфбин нигар афкандаро қонеъ созад.

Дар нигари паямбари сухани порсӣ - Ҳаким Фирдавсӣ, зан дар таърихи сарзамини эронитаборон аз касони боақлу хирад ва ботадбиру ҳушманд ҷилва мекунад. Ҳакими бузургвор пеш аз ҳама занони порсову ғамгусор ва сухандону ройзанро ситоиш намуда, онҳоро чун ганҷи бебаҳо донистааст ва гаҳе ҷойгоҳи занро аз подшоҳ болотар гузоштааст. Чуноне ки дар ин сатрҳо зани бодониш аз подшоҳ Ҷомосб бартар аст:

***Зи покиву аз порсоиву зан,***
***Ки ҳам ғамгусор асту ҳам ройзан.***
***Бад – ӯ гуфт ройи ту эй шерзан,***
***Дурахшон кунад дудаву анҷуман.***
***Агар порсо бошаду ройзан,***
***Яке ганҷ бошад пароканда зан.***
***Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин покзан,***
***Чи неку сухан гуфт бар анҷуман***
***Ту гуфтӣ, ки гуфтораш аз дафтар аст,***
***Зи дониш ба Ҷомосб, ӯ бартар аст.***
***Гаронмоя занро ба даргоҳ хонд,***
***Ба нома варо афсари моҳ хонд.***

Ҳаким Фирдавсӣ ҷойгоҳи дигари занро дар вафодориву фидокорӣ ёфтааст. Ба андешаи худовандагори сухани порсӣ зани вафодор на танҳо дар хонадони худ, балки дар ҷомеаи худ низ мояи ифтихор аст. Фирдавсии озармин занро паҳлавонҳои осмон ва зиндагибахши дигарон номидааст:

***На ту худ зиндаи ҷовидон ҳастӣ,***
***Зиндагибахши дигарон ҳастӣ.***
***Зинда аз фикри осмони ту,***
***Паҳлавонҳои осмони ту.***
***Кист нашносад Ашкбӯсатро,***
***Рустаму Золу Геву Тӯсатро.***
***Зан, ки худояш адаби нафс дод,***
***Сар диҳаду тан надиҳад дар фасод.***

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар «Хамса», ки иборат аз 18 000 байт мебошад, пиромуни вафодориву ҳушмандии зан достонҳо сароидааст. Хусрави Деҳлавӣ, ки хушачини дарахти пуршукӯҳу комбахши Ҳаким Фирдавсӣ аст, намунаи вафодории зани ҳиндиро дар ин шеъраш ба таври возеҳ бозгӯ намудааст:

***Ба ишқ ар бутпарастӣ дини пок аст,***
***Ва гар тоат кунӣ, бе ишқ хок аст.***
***Не кам з – он зани ҳинду дар ин кӯ,***
***Ки худро зинда сӯзад аз пайи шӯ.***

Ҳаким Фирдавсӣ яке аз сифатҳои дигари занро дар иффату покдоманӣ ва риояи шарму ҳаё дидааст, зеро зан ба василаи шарму ҳаё манзалати худро шинохта, атрофиёнро маҷбур месозад, ки дар муносибат бо ӯ ба эҳтиром қоил бошанд ва дар гуфтумон бо онҳо аз ҳадди муайян нагузаранд. Фирдавсии бузургвор ҳаёро зевари зан гуморида, нармгуфториро сиришти некманишӣ ва мояи биҳиштӣ буданаш донистааст:

***Заноне, ки ишон надоранд шарм,***
***Ба гуфтан надоранд овози нарм.***
***Бипурсед, к – оху кадом аст зишт,***
***Ки аз арҷ дур асту дур аз биҳишт.***
***Чунин дод посух, ки занро ки шарм,***
***Набошад сиришт на овози нарм.***

Хусрави Деҳлавӣ низ дар ашъори худ зани бошарму ҳаёро мавриди ситоиш қарор дода, месарояд:

***Ҷилвагар он шуд, ки зи шарму ҳарос,***
***Дар тутуқи сатр бувад рӯшинос.***
***Бош чу хуршед дар анвори хеш,***
***Кун зи ҳаё пардаи рухсори хеш.***
***В–он ки барандохт ҳаёро ниқоб,***
***Даст бишӯ з–он ки аз ӯ рехт об.***

Яке аз фазилатҳои дигари зан, дар баробари порсоиву шарму ҳаё, эҳтироми ҷуфти худ ва мададу ҳамёрӣ намудан бо шавҳар ва ба дунё овардани фаррухписар мебошад. Фирдавсӣ мефармояд:

***Ба се чиз занонро бувад меҳӣ,***
***Ки бошанд зебои тахти меҳӣ.***
***Яке он ки бошарму бохостааст,***
***Ки ҷуфташ бад – ӯ хона оростааст.***
***Дигар он ки фаррухписар зояд ӯй,***
***Зи шӯйи хуҷаста бияфзояд ӯй.***
***Севвум он ки болову рӯяш бувад,***
***Ба пӯшидагӣ низ рӯяш бувад.***

Дар ин бора Амир Хусрави Деҳлавӣ гуфтааст заноне, ки бо шеваи хонадории хеш дар хона фазои орому ромиш эҷод мекунанд ва шавҳарро хушнуд месозанд, беҳтарин занон мебошанд ва дар маврид ба онон машварат медиҳад, ки бо шавҳарони дар ҳолати нодориву муфлисӣ қарор гирифтаи хеш созиш намуда, қаноатпеша бошанд:

***Шӯй, ки аз киса тавонгар бувад,***
***Худ санам андар зару зевар бувад.***
***Лек чу бе тӯша бувад шавҳараш,***
***Беҳ зи қаноат набувад зевараш.***

Аз гузаштаҳои ҳазорсолаи мардуми эронитаборон пайдост, ки ҷойгоҳи зан дар миёни мардуми мо танҳо аз фазилатҳои иффату покманишӣ ва фароҳам овардани фазои осоишу ромиши хона иборат набудааст. Занон дар баробари мардҳо на танҳо дар хонавода ҳукмрон будаанд, балки дар ҳунари тирандозӣ, аспсаворӣ, ҷанговарӣ, беҳамто буда, бебокиашон бад-он ҷо мерасидааст, ки пӯшоки фармондеҳӣ ва сардорӣ бар тан мекарданд ва сипаҳсолориву раҳбарӣ баргузида мешуданд ва бар тахти салтанат нишаста, ба оламе фармонравоӣ мекарданд. Чунончи Бонугушасб, духтари Рустам, ҳамсари Гев, яке аз занони ҷасур ва размҷӯй буд, ки дар «Шоҳнома» фаровон аз ӯ ёд шудааст. Чунин омадааст, ки ӯ ба андозае зӯрманду далер буд, ки камтар марде тавоноии рӯ ба рӯ шудан бо ӯро доштааст. Духтари дигари Рустам мебошад, ки бо размӣ диловаронаи худ Зол, Озарбарзин ва Тахвораро аз зиндон озод кардааст.

Дар нигари Ҳакими бузургвор зан мавҷудест нозук, вале бо вуҷуди ин сифат дар далериву диловарӣ беназир ва дар разму базм роҳнамои мардони ҷанговару таковар аст, ки мардони силаҳшур дар баробараш ба зону мезананд:

***Бад – ӯ гуфт ҳар кас, ки бону туйӣ,***
***Ба Ирону Чин пушту бозӯ туйӣ.***

Ва ё:

***Зи марди хирадманд бедортар,***
***Зи дастури done ҳушёртар.***

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и беҳамтои худ дар намоди даҳҳо бонувони ҳушманду хирадманд, додварзу додгустар, қаҳрамону силаҳшур, ҷойгоҳи занро дар замони гуногуни давлатдории эронитаборон, равшану возеҳ, баён намудааст. Мо дар ин матлаб, чеҳраҳои қаҳрамонбонувони шинохта, Гурдофарид, Гурдия, бонувони хирадманду мушовири шоҳаншоҳон Синдухт, Рӯдоба, бонувони ҷасуру далер ва барои аз дӯстдоштаи худ комёр шудан аз иродаи қавии хеш кор гирифтан, чун Таҳмина ва Гурдия ёдоварӣ намекунем. Танҳо ба таври гузаро ёдкарди шаҳбонуи ҳукмрону додвару бодониш Ҳумойро лозим медонем, ки дар деҳишу адлу дод аз падар ҳам болотар буд:

Дигар духтаре дошт номаш Ҳумой,

***Ҳунарманд, бодонишу некрой.***
***Ба ройу ба дод аз падар баргузашт,***
***Ҳама гетӣ аз додаш обод гашт.***
***Нахустин, ки дайҳим бар сар ниҳод,***
***Ҷаҳонро ба доду деҳиш мужда дод.***

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» шаҳреро бозтоб намудааст бо номи «Ҳарум», ки занон фармонравои он шаҳр буданд. Соҳаи низомӣ ва додрасӣ низ аз тарафи сиёсатбонувон идора мешудааст. Дар ин достон омадааст, ки Искандари Макдунӣ дар поёни юришҳо ба наздики шаҳри Ҳарум омада файласуферо бо номаи худ назди фармонравои он шаҳр мефиристад. Ӯ дар тамоми шаҳр ҷуз занон мардеро намебинад.

***Сикандар зи манзил сипаҳ баргирифт,***
***Зи кори занон монда андар шигифт.***
***Зи дарё гузар кард зан дуҳазор,***
***Ҳама пок боафсару гӯшвор.***

Хусрави Деҳлавӣ низ дар яке аз достонҳои худ унвонии «Хизрхон ва Дувалронӣ», аз канизаки бодонишу хирадманду ҳушманди Дувалронӣ ёдовар мешавад, ки бо либоси мардона ба саҳна ворид шуда, хешро ситоиш мекунад ва дар зимн мегӯяд, ки агар Сикандар бо нерӯи силоҳ кишваркушоӣ мекард, ӯ бо ҳусну малоҳат кишварҳоро тасхир намуда, шоҳони оламгирро гирифтор ва ба худ барда месозад:

***Сикандар, ки оби ҳайвон кард ҳавас,***
***Назири манаш буд мақсуд бас.***
***Чу дар хилвати ман ниҳонӣ расид,***
***Ба сар чашмаи зиндагонӣ расид.***
***Гар андозад ӯ шери оҳу ба тир,***
***Ман он оҳӯям к – ӯ бувад шергир.***
***Гар ӯ ҳаст бар тахти зар пойбаст,***
***Маро дар дили ӯст ҷойи нишаст.***
***Гар ӯ тахт гирад зи кин чун шаҳон,***
***Ман аз бозӯи меҳр гирам ҷаҳон.***

Гумон меравад гуфтор дар мавриди ҷойгоҳи зан бидуни ёдоварӣ аз эҳтироми модар, пурра нахоҳад буд, ба вижа ҳангоме ки Фирдавсии бузургвор дар достонҳои «Шоҳнома» бузургии модарро хеле гӯёву зебо бозгӯ намудааст. Дар достонҳои «Шоҳнома» лаҳзаҳои зиёде ба чашм мехӯранд, ки пас аз марги шоҳон муъбадону бузургон назари модар – шаҳбонуро гиромӣ дошта, онро ба ҷо меоваранд. Чуноне ки пас аз марги Дорои севвум, ҳамсараш модари Равшанак, бар тибқи васияти шоҳ, бо Искандар ба шавҳар мебарояд. Ва вақте ки Искандар дар ҳолати ҷон додан буд, модарашро пеши худ хонда аз ӯ хоҳиш мекунад, ки фармонравоии мамлакатро бар ӯҳда гирад. Ҳаким Фирдавсӣ мегӯяд:

***Ту аз марги ман ҳеҷ ғамгин машав,***
***Ки андар ҷаҳон ин сухан нест нав.***
***Наҷӯянд ҷуз ройю фармони ту,***
***Касе барнагардад зи паймони ту.***

Хусрави Деҳлавӣ низ дар достонҳои худ, бузургии модарро мавриди ситоиш қарор додааст. Шоир боре саргузашти меҳри модари хешро ба ӯ тавсиф намуда, ба ёд меоварад, ки модар дар номае ба ӯ менависад, ки дар фироқи дидори Хусрав сахт маҳзун аст ва ҳар чи зудтар пешаш биёяд, то андӯҳаш аз ҷудоии фарзанд зудуда шавад. Хусрав ба назди модар меояд ва модар ӯро ба оғуш гирифта дар сина мечаспонад. Хусрав низ чун кӯдак ба гардани модар меовезад ва ин суханонро мегӯяд: «Синаи модар биҳиштест, ки ду ҷӯйи шир аз он ҷорист.»

Шоир пас аз марги модар сатрҳоеро офаридааст, ки дар адабиёти форс-тоҷик ҳамчун суханони калидӣ дар сӯги модар шинохта шудаанд:

***Эй модари ман куҷойӣ охир,***
***Рӯй аз чи наменамоӣ охир.***
***Хандон зи дили замин бурун ой,***
***Бар гиряи зори ман бубахшой,***
***Донам, ки ту дар биҳишти ҷовид,***
***Рахшандатарӣ зи моҳу хуршед.***
***Гарам, ки шудӣ зи дида мастур,***
***Аз синаи ман куҷо шавӣ дур.***
***Меҳре, ки ба шир шуд фароҳам,***
***То ҷон наравад, куҷо шавад кам?***

Бад – ин тартиб бо таваҷҷуҳ ба пажӯҳиши нозукхаёлон ва кундукови жарф ба достонҳои «Шоҳнома» ва осори Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ин гуфтор метавон натиҷагирӣ кард, ки ин бузургони адабиёти форс – тоҷик нисбат ба зан дидгоҳи баланде доштаанд ва дар баробари ситоиши хирадофаринӣ, додгустарӣ ва нуктасанҷӣ, паҳлавонон ва фармонравоёнро бархоста аз миёни занони шердил медонанд.



*Нодира Ашурова - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

*Беҳтар аз шабнами рӯйи гул агар чизе ҳаст,*
*Ашки шодист, ки дар чеҳраи модар бошад.* Р. Ваҳҳоб

Анвори дониш
№2 (347), ПАНҶШАНБЕ, 07.03.2024

# ЗАНОН ДАР ЗИНДАГӢ ШАМЪУ ЧАРОҒАНД

***«Зан тавлидгару мураббии инсон ва устоди беназири фарзанд аст. Нахустин мактаби инсон – мактаби модар мебошад, ки ҳамаи мо таҳти парасторӣ ва навозиши ӯ ба камол расида, сабақи одамият омӯхтаем".***

*Эмомалӣ Раҳмон*

Зан - модар олитарин офаридаи Худованд ва худ офаранда аст. Дар олам ҳеҷ нерӯе ба ҷуз нерӯи модар мавҷуд нест, ки ба инсон тавони зистан омӯзад ва ба камолоти инсонияти комил ҳидоят карда тавонад. Чунин қудрату матонатро зан-модар бар дӯш дорад.

«Модар сарчашмаи меҳру муҳаббат, панду ахлоқ ва ҳидоятгари роҳи дурусти зиндагӣ буда, барои ҳар фарди дилогоҳ як рукни имон аст. Аз ин рӯ, дар тамоми давру замонҳо зан-модар офаранда, тарбиятдиҳанда ва нодиртарин гавҳари ҳастӣ буда, дар ҳаққи ӯ беҳтарин калом, шеъру суруд ва асару достонҳо эҷод шудаанд» - пайваста таъкид менамоянд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Модари тоҷик имрӯз бонуест ҳамидаву меҳрубон, нексириштu ботамкин ва қавииродаю шуҷоатманд, ки рисолати модариву қарзи шаҳрвандиашро бо ҳисси масъулиятшиносӣ адо намуда, сазовори эҳтироми аҳли ҷомеа гардидааст. Дар раванди сифатан нави таърихиву сиёсии Тоҷикистон занон мақому манзалати худро шинохта, бо фаъолияти пурсамар ва дастовардҳои тоза фазои ҷомеаи моро ҳусни тоза мебахшанд.

Тадбирҳои тайи чанд соли охир андешидаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус Сарвари давлат, фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани мавқеъ ва манзалати зан, мо занонро беш аз пеш руҳбаланд намуда, ба иҷрои нақшаҳои боз ҳам калон ҳидоят мекунанд.

Талаботҳои ҳаёти имрӯза тақозо менамояд, ки занон ҳамқадами ҳаёт бошанд, чунки бунёди оилаи солим, оняндаи зебои кишвар ба худогоҳиву маърифатнокӣ ва саводомӯзии занону духтарон вобаста аст. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ ҳамчун як маркази пуриктидори илму маърифат дар таъмини иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идораи давлат, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии зан ва солим гардонидани оилаҳо, болоравии нақши зан дар таҳкими ғояҳои ахлоқию маънавӣ ва сулҳу ваҳдат мусоидат карда, фаъолияти пурсамари бонувон ба сифати аъзои Ҳукумат, роҳбарони мақомоти назди Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои олии касбӣ, соҳибкорони муваффақ ва докторону профессорон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳақиқат ҳам қонунгузориҳои сарнавиштсози Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самараҳои нек ба бор оварда истодааст.

Сарвари давлат ҳамеша таъкид менамоянд, ки бо босавод шудани зан-модар миллат низ босавод мешавад ва барои соҳибмаълумот ва соҳибкасб шудани занону духтарон тамоми имконияти ҳоро фароҳам овардаанд. Солҳои истиқлоли давлатӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар мактабҳои олӣ, литсею омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникиро таъсис доданд ва донишҷӯдухтарон аз лиҳози иҷтимоӣ ҳифз мегарданд. Таъсис додани хобгоҳҳо барои духтарон, тамоюли дар хориҷи мамлакат таҳсил кардани духтарон рӯ ба афзоиш доранд.

Ҳамзамон бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» тасдиқ гардиданд. Ин аст, ки бонувони донишгоҳ фаъолияти худро дар партави Паёму супоришҳои Сарвари давлат ба роҳ монда, дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи маориф саҳми босазо мегузоранд. Айни ҳол дар донишгоҳ 184 нафар занон ва 783 нафар духтарон ба кору таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз онҳо дар зинаҳои роҳбарикунанда 16 нафар номзади илм кор мекунанд. Имрӯз бо ифтихор метавон устодони соҳибтаҷриба Иззатова М.И., Ашурова Н.Ҷ., Худойдодова Ш.З., Самариддинова З., Маҷидова К.А., Исоева Д.С., Шералиева С., Давлатова Н., Расулова Л.Н., Холиқова З.К.,Табарова З., Арабова З., Сайдамирова М.С., Ғуломова С.Н., Ҳалимова М.Р., Шарифзода О.П., Мирзоева М. ва бисёр дигаронро номбар кард, ки дар ҷодаи таълиму тарбия ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд. Як зумра ҷавонзанону духтарон бошанд, дар шуъбаҳои магистратура ва докторантураи назди кафедраҳои донишгоҳ таҳсил карда истодаанд.

Таҳсилдида ва соҳибкасб будани занону духтарон барои рушди онҳо бағоят муҳим аст. На ҳама волидайн дарк месозад, ки духтар ба таҳсил ниёз дорад ва соҳибдиплом гардидан ояндаи ӯро метавонад дурахшон намояд. Бонуе, ки ихтисосманд аст, метавонад дар ҷомеа мавқеи худро ёфта, худ ва фарзандонро аз лиҳози иҷтимоӣ ҳифз намояд.

Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои маҳбуби миллат ба Маҷлиси Олии кишвар ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ба мо занон ва алалхусус, бонувони муҳаққиқро илҳоми тоза бахшида, масъулияти моро даҳчанд меафзояд. Тибқи таъкиди падаронаи Сарвари давлат мо-модарону бонувони кишвар бояд дар риояи Қонунҳои миллиамон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ" ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» боз ҳам фаъолтар гардем ва фарзандонро ба зиндагии мустақилона омода карда, онҳоро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намоем, сарфаю сариштакориро, ки яке аз хислатҳои беҳтарини миллати қадимаи мост, риоя кунем ва дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ҳамеша пешсаф бошем.

Ҳамасола иштироки фаъолонаи духтарони донишгоҳ дар ҷашнгирии санаҳои бузурги таърихӣ - Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, озмунҳои ҷумҳуриявии «Андалеб», «Таронаи чакан», «Наврӯз» ва ғайраҳо ба ин тантанаҳо зебу зинати хоса мебахшад.

Дар байни занону духтарон чорабиниҳои зиёди илмию фарҳангӣ оид ба масоили мубрами рӯз, аз қабили одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, мубориза алайҳи зуҳуроти номатлуби ҷомеа – терроризму экстремизм, нашъамандӣ, СПИД ва ғайраҳо гузаронида мешаванд. Теъдоди зиёди духтарони мо ба корҳои илмию эҷодӣ машғуланд ва аъзои маҳфилҳои адабии донишгоҳ ва шаҳр мебошанд.

Дар ҳаққи Зан-Модар - нури хонадон, файзи зиндагӣ, умеди ҷовидонии инсоният соатҳо ҳарф занем кам аст, зеро занону бонувон бешак, олиҳаи латиф, модарону хоҳарони мушфиқ ба ҳусни рӯзгор ҳастед, хушбахтиву саодати дунё, шамъу чароғи роҳнамо, машъали зиндаафрӯз мебошанд.



*Раҳимова Савронбӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи адабиёти хориҷӣ бо методикаи таълими забон ва адабиёти рус*

# МОДАР – САРМАНШАИ ЗИНДАГӢ

***Модар барои фарзанд ҳам умеду орзу, ҳам қалбу рӯҳ, ҳам дармони ҷисму ҷон, яъне меҳрубонтарину ғамхортарин ва муқаддастарин шахс мебошад.***

*Эмомалӣ Раҳмон*

Модар сарчашмаи меҳр асту садоқат, вафодорию меҳрубонӣ. Модар аввалин носеҳест баҳри фарзанд. Ҳамеша ва дар ҳама ҳолатҳо ҷаҳд менамояд, ки фарзанди хешро ба роҳи рост ҳидоят намояд, то ӯ дар оянда соҳиби рӯзгори хушу бахти сафед гардад.

Дар ҳақиқат, модар ба ҳама ранҷу заҳмат омодааст, то фарзандаш одобу ахлоқ, одамию одамгарии саравввал аз модар қабулкардаро то ба дараҷаҳои камолот расонад; аввалин хандаю сухан, дуруду афсонае, ки аз модар мешунавад, бо виҷдони поку некухисолӣ чун анъанаи таҷрибаи инсонӣ ба авлодаш гузаронад.

Оре, фақат дили бузурги пурмеҳри модар ин қадар наҷобат зоҳир карда метавонад. Вале ин дили нарму ҳалим дар ҳолатҳои зарурӣ аз пӯлод ҳам сахттар мегардад.

Аксарияти мутафаккирон ва бузургони Шарқу Ғарб дар хусуси бузургии модар гуфтаву сурудаҳои ҷолиб доранд. Ситоиши бузургии модар дар осори Шекспир, Гёте, Балзак, Гюго, Дюма, Стефо ва дигарон ба дараҷае равшану возеҳ рафтааст, ки онҳо дар дили ҳар як фарди соҳибхирад меҳру муҳаббати хосро бедор карда, ба шӯр меоранд. Балзак дар бораи меҳру муҳаббати модар навиштааст: «Ҳеҷ кас дар зиндагии худ наметавонад муҳаббате амиқтар ва воқеитар аз муҳаббати модари худ биёбад».



Модар сарчашмаи ишқи инсонӣ ва меҳри заминист ва ин эҳсосоти наҷиби ҳаётбахш бо шири сафеди ӯ ба фарзанд мегузарад. Ин муъҷизаи осмониро, ки беҳтар аз гавҳари софу зулол ва дурдонаи бебаҳои ҳаёт аст, суханварони барҷастаи қадимаю муосир Ҳомер, Аристофан, Горатсий, Данте, Петраркo, Сино, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Шекспир, Гёте, Гейне, Байрон, Балзак, Пушкин, Лермонтов, Горкий, Маяковский, С.Айнӣ, М.Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва дигарон бисёр ҷаззобу дилпазир тараннум кардаанд. Шоҳасарҳои рассомони ҷаҳон Оғо Мирак, Камолиддин Беҳзод, Леонардо да Винчи, Микеланҷело. Рафеал, Рубенс, Рембрандт, Суриков, Репин, Верешачин ва дигарон бо офаридани нақши хуштарҳи модар безаволӣ ба даст овардаанд.

Ҳурмати модар барои ҳар як фарзанд қарз аст, чунки ба дунёоварандаи фарзанд модар аст. Дар тарбия ва ба камол расонидани ҳар як фарзанд заҳмату ранҷи модар ба дараҷае зиёд аст, ки қалам дар тавсифи он оҷиз аст.

Дар фарҳангу маънавиёти мо тоҷикон модар ба некӯӣ кардан сазовортар аст, зеро аз сабаби заиф буданаш дар айёми ҳомиладорӣ, тавлид ва ширхора будани фарзанд заҳмату ранҷ ва машаққатҳои бисёре мекашад. Бедорхобӣ ва, махсусан, замони бемор будани тифл гуруснагию ташнагиро аз сар мегузаронад. Зеро дар айёми бемории тифл модар хӯрдану ошомиданро аз хотир мебарорад ва тамоми хушу ёдаш ба ҷигарбандаш мешавад. Аммо падар пуркувват ва дорои қудрат буда, рӯзҳои худро барои амал ва ризқу рӯзии фарзандон сарф менамояд.

Достонсарои машҳури асри Х тоҷик

*Васфи модар чун бисозӣ бо забони модарӣ,*
*Гавҳар аз дарё гирифтиву ба дарё медарӣ.* Р. Ваҳҳоб



# МОДАР САРОҒОЗИ ҲАСТИИ БАШАР!

***Модар сароғози ҳастии башар, офаранда ва идомадиҳандаи ҳаёти инсоният мебошад. Замири ӯ аз меҳру муҳаббат ва лутфу меҳрубонӣ сиришта шудааст, ки ин хислатҳои наҷиб модарро мавҷуди бузургу муқаддаси тамоми давру замонҳо гардонидаанд.***

*Эмомалӣ Раҳмон*

Модар бузургтарин сарчашмаи ҳаёт, некӣ ва меҳру шафқат буда, аввалин мураббӣ, тарбиякунанда ва ба воя расонандаи фарзандон мебошад.

Воқеан, мо дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ наметавонем муҳаббате беҳтар аз ва самимитар аз муҳаббати модари худ дарёбем. Аз ин лиҳоз, Модар на танҳо азизтарин шахс барои ҳар як фарзанд, балки гаронбаҳотарин сарвати ҳар халқу миллат ба ҳисоб меравад.

Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ, ки 28-уми декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон пешниҳод гардида буд, мавқеъ ва нақши занон ва бонувони тоҷикро дар ҳамаи соҳаҳо ва самтҳои муҳими ҷомеа, аз ҷумла, дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баланд арзёбӣ намуданд.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста модрон ва бонувонро дар суханрониҳои худ васф намуда, раҳму шафқат, фазилату порсоӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, заҳмату бедорхобиҳои ӯро ситоиш менамояду ба номи покаш ҳамду сано мехонад.

Устод Лоиқ Шералӣ дар ашъори зебояш васфи модарро то андозае баланд овардааст, ки онро ба замину осмон баробар медонад. Ӯ чунин гуфтааст:

***Замину осмони ман туӣ***
***модар, тӯи модар,***
***Ҷаҳони бекарони ман тӯи***
***модар, тӯи модар.***

Оре, модар замну осмони фарзандон буда, ҳаётбахшу нурбахши ҳастии ҷомеа мебошад. Модар ба фарзандон ҳаёт мебахшад, забон меомӯзад, аз дилу нияти онҳо огоҳ мебошад, барои ҳамин тамоми бузургони рӯи олам, махсусан мутафаккирони тоҷику форс дар васфи зан-модар асарҳо таълиф намуда, ба номаш ҳамду сано хондаанд.

Устоди ширинбаён Ашӯр Сафар дар девони ашъораш аз хонаводаи орому осуда ва тифлони шуху муҳаббати самимонаи модар ёдовар гардида, чунин овардааст:

***Як хона пур аз бачаву***
***модар ба миёна,***
***Тифлон ҳама истораву ӯ***
***моҳи ягона.***
***Гирдаш, чӣ аҷаб гиряву***
***ҳам хандаву бозист,***
***Модар зи чунин шӯру мағал***
***хурраму розист.***
***Аз олами тифлон нарвад***
***ҷои дигар ӯ,***
***Бас меҳр наварзида ба***
***дунёи дигар ӯ.***
***Як хандаи кӯдак шудааст***
***умри ҷавонаш,***
***Як бӯсаи кӯдак шудӣ сад***
***кайфи ҷаҳонаш.***
***Дар қомати ӯ ҷилваи***
***фардош бубинад,***
***Дар раҳравиаш рӯи***
***ҳавасҳош бубинад.***
***Як хона пур аз бачаву***
***модар ба миёна,***
***Ободтар аз хонаи мо***
***нестӣ хона.***

Воқеан, оромию ободии ҳар хона зан-модар буда, бо меҳру муҳаббати модарона ба зиндагӣ нур мебахшад. Оила, яъне хонаводаро сарҷамъ намуда, замири онҳоро дар рӯҳияи ҳамдигардӯстӣ, инсондӯстӣ ва меҳандӯстӣ тарбия менамояд. Модар баракати хонавода, нури хонавода, оромию сарҷамъии аъзоёни оила мебошад.

Рӯзи Модар муборак, модарону хоҳарони гиромӣ!

*Назаров Ҳотам - мудири кафедраи педагогика;*
*Набиева Савлат - коргӯзори кафедраи педагогика*

---

Абулқосим Фирдавсӣ ҳурмату эҳтиром намудан ва ба суханони модар гӯш додани фарзандро таъкид карда гуфтааст:

***Ба гетӣ ҳаме панди модар***
***ниюш,***
***Ба бад тез моштобу бар***
***бад макӯш!***
***Шабу рӯз чун ҷон гиромиш***
***дор,***
***Ки чун ҷон бипарвардат***
***андар канор.***

Шоири забардасти асри XV Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар хусуси аз гуфтаҳо ва панду насиҳатҳои модар берун нагардидани фарзандро тариқи зайл қаламдод намудааст:

***Сар зи модар макаш, ки***
***тоҷи шараф,***
***Гарде аз роҳи модарон***
***бошад.***

Мутафаккир ва шоири машҳури Эрон Эраҷ Мирзо ҳурмату эҳтиром ва донистани қадри модарро аз тарафи фарзанд вазифаи муқаддас медонад ва дӯст доштану ба ҷо овардани иззату икроми ӯро аз ҳама бойигарию ганҷи ҷаҳон авлотар донистааст:

***Гӯянд, маро чу зод модар,***
***Пистон ба даҳон***
***гирифтан омӯхт.***
***Шабҳо бари гаҳвораи ман,***
***Бедор нишасту хуфтан***
***омӯхт...***
***Лабханд ниҳод бар лаби***
***ман,***
***Бар ғунчаи гул шукуфтан***
***омӯхт.***
***Пас, ҳастии ман зи***
***ҳастии ӯст,***
***То ҳастаму ҳаст,***
***дорамаш дӯст.***

Модоме ки чунин фарзандони модар маҳз бо шарофати офаридаҳои худ-симои модар дар ҷаҳон ин қадар маъмулу машҳур гаштаанд, пас, чаро мо фарзандон ба қадри модарон нарасем?

Шуълаи меҳри модар ва саховати ӯ мисли хуршеди оламтоб ҳудуд надорад, муҳаббати вай софу беғаштарин аст. Сатрҳои пуршаҳди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Махфӣ, Мирзо Ғолиб, Муҳаммад Иқбол, Эраҷ Мирзо, С.Айнӣ, М.Турсунзода, Лоиқ Шералӣ ва дигарон олами мураккаби модарро ба субут оварда, зебу зиннати ӯ, диловарӣ ва ҳунарварӣ, раҳимию мушфиқӣ, тамкинию ботамизӣ, покдилию поксириштиашро чун фариштаи меҳрварзи беминнат ба тасвир гирифтаанд. Ва модар аз ин ҳам волотару арзандатар аст.

Ҳурмати модарро сидқан ба ҷо овардан вазифаест аввалӣ ва боиси рӯсурхии ҳар як фарзанд. Дар масъалаи эҳтиром намудани падару модар шоирон бисёр диққат дода, кулли фарзандонро ба риояи он даъват намудаанд. Заҳмату ранҷи падару модарро Хусрави Деҳлавӣ аз ҳама гуна азобҳо болотар дониста, бахусус, эҳтироми модарро дар ҷойи аввал мегузорад, зеро дар тавлиди фарзанд ва тарбияи он хизмати бебаркаш дорад. Он ранҷу заҳмате, ки модар дар тарбия ва ба воя расонидани тифли хеш мебинад, ба чизе баробар кардан нашояд:

***Якшаба он ранҷ, ки модар***
***кашид,***
***Бо ду ҷаҳонаш натавон***
***баркашид...***

Модар, воқеан, чашмаи хушкнашавандаи ҳаёт аст. Модар аст, ки ҳаёт ширин ва рангину гуворост. Ин фариштаи меҳри бепоён сабаби ба олами ҳастӣ омадани мо мегардад ва барои ба камол расонидани мо талошу ҷаҳди зиёд менамояд.

Аз ин рӯ, ба қадри модар расидан қарзи ҷонию виҷдонӣ ҳар як фарзанд аст. Гузашта аз ин, собит аст, ки ҳар амале ки кардӣ, албатта, ба вақте мукофоти онро мегирӣ. Бинобар ин, тарзе бояд амал кард, ки саранҷоми сарнавишт неку ва орӣ аз пушаймонӣ бошад.



*Исозода Парвиз, декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

---

## Шеъри рӯз



**Ашӯр Сафар**

### ФИРӮЗӢ

Ҷон садқаи номи хушу ширини ту, модар,
Бо меҳри ту дар сина дилам ҳаст мунаввар.
Нури хиради туст ба ман шамси саодат,
Дар партави он гаштаам имрӯз ҳунарвар.
Ҳар як сухани туст маро нақшаи эҷод,
Аз туст ҳаме боғи муродам самаровар.
Бар номи ту аз шавқ даме хома биронам,
Дафтар шавадам пур зи ғазал аз паси дафтар.
Ҷуз васфи ту бар ман ҳаваси базми дигар нест,
Базми дигаре нестам аз васфи ту беҳтар.
Фирӯзии имрӯзаю фардо ба ман охир,
Бе ҳастии ту ҳеҷ намегашт муяссар.

## Андарзи бузургон

*Модар азизтарин вуҷуди рӯи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарму дилнавози ӯ оғоз мегирад. Мо вуҷуди муқаддаси модарро аз аввалин лаҳзаҳои ҳаёт то дами вопасин фаромӯш намекунем, чун ӯ ҳангоми шодиву нишот ва ғаму андӯҳи зиндагӣ ҳамеша ҳамроҳи мост.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

* * * * * *

*Модар гаҳворову оламро бо ҳам мепайвандад, рисолати пурзаҳмати парвариши наслҳоро ба дӯш кашида, бо сиришту замири покаш барои ҳастии фарзанд, ободии хонадон ва осоиши ҷомеа талош менамояд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

* * * * * *

*Зан конуни пурнури хонавода, маркази меҳр, намояндаи ишқ, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббат ва дӯстӣ ва чашмаи бахшиш аст.*

*Иқболи Лоҳурӣ*

* * * * * *

*Ёд овар аз он дасте, ки дар шабҳои кӯдакӣ бо навозишҳояш дардҳои туро таскин дод. Ёд овар аз он диле, ки ба хотири ту захмҳо хӯрд ва боз вафодору вафокор монд. Зонуи худро ба замин гузор ва барои модарат дуо кун.*

*Шиллер*

* * * * * *

*Модар воситаи эҷод ва рамзи хилқат аст. Ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ наметавонед муҳаббате беҳтар ва воқеитар аз муҳаббати модар биёбед.*

*Балзак*

* * * * * *

*Ягона доваре, ки гуноҳи моро мебахшад, модар аст.*

*Муҳаммад Ҳиҷозӣ*

* * * * * *

*Модар ҳатто пас аз марг ҳам модар ва муқаддастарин мавҷуди зиндаи ҷаҳон аст.*

*Кулриҷ*

* * * * * *

*Ҳеҷ муҳаббат ва неъмате барои мард беҳтар аз зани хуб нест.*

*Сибунд*

* * * * * *

*Субҳу шоми умр бе зан торик ва рӯзаш ғамангез аст.*

*П. Бауст*

* * * * * *

*Зан беҳтарин ва охирин тӯҳфаи осмонӣ аст.*

*Ҷон Милун*

* * * * * *

*Зан ҳамчу гулест, ки бо каме беэътиноӣ пажмурда мегардад ва бо андак лутф мешукуфад.*

*Ломартин*

* * * * * *

*Зан мавҷуде беназир аст. Дар ӯ иффати духтарона, фидойии ба дӯст хос ва ҷасорати модар муҷассам аст.*

*Н.А.Некрасов*

* * * * * *

*Бе офтоб гулҳо намешукуфанд, бе муҳаббат хушбахтӣ нест, бе зан ишқ нест, бе модар шоир нест, қаҳрамон ҳам нест. Тамоми ифтихори дунё аз модарон аст.*

*А. М. Горкий*

*Ҷаннат, ки ба зери пои модар бошад,*
*Боло зи фариштаҳост ҷойи модар. Файзи Ашӯр*

Анвори дониш
№2 (347), ПАНҶШАНБЕ, 07.03.2024

# СИМОИ ЗАН-МОДАР ДАР «АСРОР»-И ҒАФФОР МИРЗО

Достони «Асрор» асари тарҷумаиҳолӣ буда, фарогири масъалаҳои гуногуни иҷтимоию таърихии солҳои 30-юм ва 50-уми асри гузашта мебошад. Ба таъкиди Худойназар Асозода «Ғаффор Мирзо асосан шоири мушаххасгӯ ва мазмунсаро буда, аксари ашъораш маърифатию таълимӣ аст. Ба тасвиркорӣ кам таваҷҷӯҳ мекард. Дар қалами ӯ шеъри сиёсию иҷтимоӣ бештар мавқеъ дошта, оҳанги иҷтимоӣ хеле пуркувват аст». Таъкиди адабиётшиноси мухтарам воқеан ҳам бамаврид аст. Чунин ҳолатро ҳам дар шеърҳои алоҳида, ҳам тавассути асарҳои калонҳаҷм ва тавассути мақолаҳои танкидии Ғаффор Мирзо бараъло мушоҳида менамоем.

Достони «Асрор», ки аз рӯйи мундарича саргузашти пурфоҷеаи қаҳрамони марказии асар Асрор мебошад, мавзуи он ҷанбаҳои гуногуни иҷтимоиро касб кардааст. Таъсири эҷодиёти шифоҳии халқ дар ин асар мавқеи махсус дошта, зарбулмасалу мақол ва панду андарзҳо ҷанбаи бадеии асарро тақвият бахшидааст.

Хусусияти иҷтимоӣ касб кардани мавзуи асар ба тарзи образофаринии шоир вобаста буда, аз хислату рафтор ва мавқеи ҷамъиятии персонажи асар маншаъ мегирад. Як қисми воқеаҳои достони "Асрор" ҳаёти иҷтимоии занҳоро инъикос намудааст. Образи Азиза Шомуродовна, мураббия ва Мукаррам таҷассумгари зиндагии занони як давраи халқи тоҷик аст.

Дар образи Азиза Шомурдовна заноне ба тасвир омадаанд, ки бо доштани илму дониш ва маърифати баланди инсонӣ дар ҷамъият мавқеъ пайдо карда, дар тарбияи насли ҷавон саҳми назаррас доранд. Ғаффор Мирзо Азиза Шомуродовнаро, пеш аз ҳама, ҳамчун модари мушфиқу меҳрубон тасвир намудааст:

*Азиза Шомуродонаст устод,*
*Сари гаҳвораи фарзанд дида.*
*Чашида талху ширин, заҳмату дард,*
*Азоби даври зулматро кашида.*

Ӯ чун зани содиқ ба касбу ҳунар ба донишомӯзон ҳам таълим медоду ҳам тарбия. Зан-модари тоҷик намоди занони ҷасуру тавоноест, ки дар давраҳои гуногуни таърих дар баробари мардон кору фаъолият карда, шараф ва мартабаи ин қишри ҷомеаро ба маротиб боло бардоштааст. Азиза мисоли чунин занҳост, ӯ чандин Асрорҳоро тарбия намуда, ба камол расонидааст. Асрор, ки меҳри модариро надида буд, аз тараҳҳум ва дилсузии ӯ чунон шавқманд буд, ки ҳатто ба Сафар ҳасад меҳӯрад:

*"Мана омад! Мана модар! Мана зан!*
*Мана он рӯҳи қудратбахши аъзам!*
*Сафар чун баъди ин ҷавлон насозад,*
*Чаро кӯхро чапагардон насозад!*
*Сафар, ёдат бахайр! Ин қуввai ту,*
*Ки бо ин бахт одат кардаӣ ту.*
*Насиби ман агар мекард ин бахт,*
*Маро мекард шодимарг ин бахт".*

Асрор дар чашмони пурасрор, дастони беозор, ба ҳар чини ҷабини поки модар, ба ҳар мӯи ривоятноки ӯ, ба рӯйи меҳрубону пурнур чаҳони модарию ишқи зан дид, ҷаҳони нав ба чашми хештан дид. Талошу заҳматҳои шабонарӯзии Азиза Шомуродовна барои Асрор дарси зиндагӣ буд. Аз дили пурсеҳру рухи пурмеҳри ӯ бузургию матонате хувайдо буд, ки Асрор ба он уммед мекард:

*"Фақат як рӯзаки одии модар,*
*Ба чандин умри мо ояд баробар!" –*
*Ба модар чун ба эъҷози пурасрор,*
*Чу ёбоӣ нигаҳ мекард Асрор.*

Образи Азиза Шомуродовна дар достони "Асрор" ҷойи махсусро касб карда, ягона розгӯву ғамхори Асрор мебошад. Ғаффор Мирзо дар аксари мавриди вайро ҳамчун мухотаб нишон медиҳад. Асрори ғамангезу пурасрор ҳамеша худро аз дигарон дур мегирифт ва муошираташ низ бо ҳамсабақон самимӣ набуд. Азиза Шомуродовна тавонист, ки аз сабаби чунин муносибату рафтори Асрорро кушояд. Вақте ки Азиза Шомуродовна, Сафар ва Асрор ба саёҳат мебароянд, Асрор бо дидани кӯҳу даштҳо ва ҷуйборҳо ба ёди рӯзҳои сахту вазнин меафтад. Асрор худро пайваста канор гирифта, ғамгин менамуд. Азиза Шомуродовна, ки Асрорро чун фарзанди худ дӯст медошт, дарҳол ба ҳолпурсӣ медарояд ва тавонист, ки рози солҳо дар умқи дили Асрор нуҳуфтаро бармало кунад:

*- Бигӯ, дар чӣ ғамӣ, дар чӣ азобӣ,*
*Дилатро холӣ кун, к-ором ёбӣ...*

Дар умум, Азиза Шомуродовна ифодакунандаи идеалҳои неки нависанда ба ҳисоб рафта, тавассути муколамаю андешарониҳои ҳакимонаю модарона чеҳари воқеии занони босаводу бомаърифати тоҷикро инъикос мекунад.

Мураббияи хонаи бачагон низ ба монанди Азиза Шомуродовна чун зани ҳалиму меҳрубон ба қалам дода шудааст. Дар боби дуюми достон дар 52 байт шоир меҳрубонию дилсӯзӣ, садоқату худфидоии мураббияро тавсиф кардааст. Шабҳо ба оҳангу суруди дашту саҳро, ба садои чуку ҷондори шабона суруди алла меҳонд, чун модар ба гирди катҳои бачаҳо хомӯш рафтую мекарда, онҳоро посбонӣ мекард. Шоир бо баёни чунин сифатҳо миннатдории худро чунин арзёбӣ кардааст:

*Мураббия, мани дунёнадида,*
*Ба кӣ бигзорамат дигар баробар!*
*Ба қадри эҳтироми ту расидан –*
*Асоси эҳтирому қадри модар.*

Образи мураббия бозгӯи намунаи беҳтарини тарбиятдиҳандаи насли наврас мебошад. Зеро бо вуҷуди он ҳама сахтии рӯзгор мураббия таълиму тарбияи кӯдаконро барои худ вазифаи аввалиндараҷа медонист. Ғаффор Мирзо мураббияро "сағирапарвари нохонда" унвон дода, тарзи тарбияти ӯро махсус ёдоварӣ кардааст. Муносибати хуб, ҷиддият дар кор ва риояи одобу ахлоқро барои ятимон меомӯхт. Чун модар ғамғор буду чун омӯзгор сахтгир:

*Ту моро эркаву нозук накардӣ,*
*Ки зӯри худ ба барги тарра санҷем.*
*Ба қадре меҳрубон будию сарде,*
*Ки не сӯзем мо, не ях бубандем.*

Боиси қайд аст, ки зан-модар дар ҳама давру замон, новобаста аз баъзе маҳдудиятҳо, ки асосаш хурофотпарастию анаънаҳои кӯҳна мебошад, мақоми махсусро доро буд. Дар тарбия ва ташаккули маънаву маърифатии фарзандон, пеш аз ҳама, нақши зан-модар калон аст. Ҳамин аст, ки Ғаффор Мирзо таъсири тарбияти мураббияро дар хонаи бачагон тавассути мисолҳои мушаххас нишон додааст. Дар як ятимхонае, ки кӯдакони синну соли гуногун ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст, барои як нафар – зан-модар идора кардан мушкил аст. Аммо мураббия тавонист, ки ду дасту чашму гӯши онҳо шавад, ба ҳар дили ҳаррангкирдор ба роҳи махсус ҷо шавад. Ҳарчанд ӯро дар хона фарзанди худаш интизор буд, аммо ҳақи меҳру навозишҳои ӯро ба ятимон, бемодарон тақсим кард. Ӯ худашро фидои онҳо кард, то ба онҳо ҷавонӣ ва илҳом бахшад:

*Ба ҳар оҷингу ҳар мӯи сафедат,*
*Мураббия, будам ман ҳам сабабгор.*
*Маро аз модари худ дида бар ту,*
*Адои қарзи фарзандист душвор.*
*Ба ин дастур аз наззораи ту,*
*Дилу ҷону тани маро гизо буд.*
*Маро ҳам дар бари ҷононаи ту*
*Ниҳоли умр дар нашъу намо буд.*

Ҳамин тариқ, бозгӯи рӯзгори Азиза Шомуродовна ва мураббия далел бар он аст, ки зан-модари тоҷик дар ҳама давру замон аз дурри маънӣ бенасиб набуданд ва заҳмату талошҳои онҳо, пеш аз ҳама, баҳри хушбахтӣ ва ояндаи неки фарзандон равона гардидааст.

Образи дигари диққатҷалбкунанда ҳамшираи Асрор – Мукаррам* буда, саргузашти басо ғамангез ва ҷонгудоз мебошад. Баъди вафоти падару модар Асрор ҳамроҳи Мукаррам чанд вақт сарсону дарбадари хонаҳои амакҳояшон мегардаднд. Муҳити пасти инсонӣ, худхоҳию нафспарастии амакҳо боиси рафтани Асрору хоҳараш мешавад. Билохира, хоҳараш Асрорро ба ятимхона супурда, аз нанги замона ва хурофотпарастию пойбанди анъаноти кухна худаш ба хонаи амакаш бармегардад.

Мукаррам дар хонаи амакаш ҳамчун хидматгор қадрас шуда, дар сар ҳавои зиндагии беҳтарро мепарварид. Аммо тақдир роҳи ӯро дигар кард. Амак бар ивази қалинг ба пирамарде ба шавҳар додан мехоҳад. Вай аз ин огоҳ шуда, аз хона фирор мекунад. Тақдири минбаъдаи духтар боз ҳам бадтар шудан мегирад. Ҳарчанд хостгорони ӯ зиёд буд ва бо ҷавоне издивоҷ ҳам мекунад.

Образи Мукаррам бозгӯи рӯзгори сахти занони дар вартаи бекасию нотавонӣ монда мебошад. Ӯ дар хонаи амак ҳамеша таънаю маломат мешунид, азоб мекашид, аммо бекасию бехонагӣ ӯро водор мекард, ки ба ин ҳолат тобовар бошад:

*Ба ӯ як пора нон дода, чунон ҳам,*
*Нигаҳ мекардааст ӯ бар даҳонаш.*
*Ки мегаштааст гӯё дар дами мор,*
*Ҳамон як пора нон ҳам заҳри ҷонаш.*

Солҳои баъди инқилобӣ, ки Ҳукумати Советӣ ба барқароркунии хоҷагии халқ шурӯъ карда буд, мутаассифона, таъсири муҳити пӯсидаи аморат ҳамоно дар баъзе ҷойҳо, махсусан кӯҳистони тоҷик боқӣ монда буд. Мукаррам маҳз қурбонии чунин муҳит, қурбонии инсонҳои дур аз инсоният шуд. Ҷоҳилият, тангназарӣ ва худхоҳии ба таъбири Ғаффор Мирзо "сияҳғули ҷовасар" (шавҳари Мукаррам) сабабгори асосии марги Мукаррам шуд, балки фарзанди ҳанӯз дар шиками модар буда низ қурбонӣ шуд.

*Баногаҳ қанд ранги ӯ, чу доданд,*
*Нишонаш тифли мурда зодаашро:*
*Дар он хунбаста доғи як бари тифл,*
*Хабис бишнохт ҷои мӯзаашро!*

Мукаррам барои Асрор ҳам падар буду ҳам модар, аз ин аз даст додани ӯ барои Асрор хеле гарон афтод. Ғамангезию одамгурезии ӯ маҳз баъди марги хоҳараш дар ӯ пайдо шуд:

*Азиза Шомуродовна, ҳамин ки*
*Ман ӯро ёфтам, кардам яқин, ки*
*Падар ҳам модарамро ёфтам,*
*Бародар, хоҳарамро ёфтам ман.*

Ҳамин тариқ, Ғаффор Мирзо тавассути образи Мукаррам ҳаёти пасипардагии занону духтаронеро, бо таъсири муҳити оилаву ҷамъиятӣ гирифтори хушунат гардида буданд, бозгӯ мекунад. Ҳарчанд Мукаррам, монанди Ҳабиба (аз "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ) аз худ ҷасорат нишон дода, барои расидан ба орзуҳои худ фирор мекунад, аммо бекасию дастнигарӣ боиси шоду нокод бояд зистани ӯ мегардад.

Агар Азиза Шомуродовна, мураббия, холаи Басбӣ бо рафтору кирдори худ ҳамчун занони мушфиқу меҳрубон баён гардида бошанд, пас образҳои зани амаки Асрор ва зани дуюми шавҳари Мукаррам аз пастфитратии як идда занон дарак медиҳад. Мукаррам бо вуҷуди чун каниз кор кардан дар хонаи амакаш, мудом аз зани ӯ таънаю надомат мешунид. Ӯ бо шавҳараш ҳамдаст шуда мехостанд, Мукаррамро ба пирамарде фурӯшанд:

*"...Ба мо даркор нест Асрор-пасрор,*
*Аз инҳо баҳра нӯги сӯзане нест"!*

Зани дуюми шавҳари Мукаррам низ аз муносибати инсонӣ огоҳ набуда, бо Асрор чун ғулом муносибат мекунад. Доғи сиёҳи марги Мукаррам ҳанӯз аз дили Асрор тоза нашуда буд, ки шавҳари апааш ба хона зани нав меорад. Асрор бо дидани андоми ӯ гумон мекунад, апааш дубора баргаштааст. Аммо ӯ набуд, балки либосҳои Мукаррамро ба бар карда буд. Асрор, ки кӯдак буд, хостори баровардани либосҳои апааш мешавад:

*- Ба хубӣ, - боз гуфтам, лек бардошт,*
*Ба қаҳру шаст оташгиракашро:*
*- Сагера, ман апат не, бохабар бош,*
*Ки хоҳад, мезанад соҳиб сагашро!*

Аз ин суханони зани амак ва зани дуюми шавҳари Мукаррам равшан мешавад, ки онҳо вазифаи модарӣ ва меҳру шафқатро тамоман аз хотир фаромӯш карда, ҳиссиёти инсониро зери по кардааст. Барои онҳо танҳо манфиат лозим, агар зани амак Асрору хоҳарашро нонхури зиёдатӣ донад, пас дигарӣ Асрорро чун саги дари хона медонист.

Ҳамин тариқ, мавзуи зан-модар дар достони "Асрор" аз мавзуъҳои меҳварӣ буда, аз оғоз то анҷоми асар шоир аз ин қишри ҷомеа ёдоварӣ шудааст. Ғаффор Мирзо саҳми занону модаронро дар тараққиёти ҷамъияти инсонӣ махсус қайд кардааст. Воқеан ҳам, агар зан-модар босаводу фарҳангдӯст бошад, фарзандони боилму бомаърифатро тарбият намоянд, боиси пешравӣ ва тараққиёти ҷамъият мегардад. Образи Азиза Шомуродовна намунаи чунин модарҳост.

*Ин ном дар матни достон нест. Ҳангоми таҳрири асар шоир дар матни романи «Фарзанди ҳукумат» аз ӯ Мукаррам ном мебарад.

**Аз ин суханони зани амак ва зани дуюми шавҳари Мукаррам равшан мешавад, ки онҳо вазифаи модарӣ ва меҳру шафқатро тамоман аз хотир фаромӯш карда, ҳиссиёти инсониро зери по кардааст. Барои онҳо танҳо манфиат лозим, агар зани амак Асрору хоҳарашро нонхури зиёдатӣ донад, пас дигарӣ Асрорро чун саги дари хона медонист.**

*Раҳмонова Гулдона,*
*ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо*

# ҶАШНҲОИ БУЗУРГИ АҶАМИЁН ДАР ОИНИ КАЁН

***(ба истиқболи иқдоми фарҳангпарваронаи Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати нашр ва ба мардум расонидани “Шоҳнома”-и устод Абулқосим Фидавсӣ)***

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шоҳкории ҳамаи давру замонҳо дар баробари васфи шуҷоъату далерӣ, ватандӯстиву меҳанпарварӣ, ситоиши хирад ва дониш, ақидаҳои инсондӯстона, андешаҳои моломол аз ифтихорот нисбат ба расму оин ва ҷашнҳои ниёгонро дар бар мегирад.

Ҷашнҳои суннатии мардуми Аҷам махсусан, се ҷашни бузурги он – Сада, Наврӯз ва Меҳргон дар «Шоҳнома» хеле ҷолиб тасвир ёфта, он ба давраи ҳукмронии Пешдодиён-шоҳони аввалини мардумони эронтабор, ки онҳоро Каёниён низ меноманд, нисбат дода мешавад.

Аз рӯи мутолиа ва мушоҳида ҷашнҳои мазкур аз табори Кайюмарс-аввалин подшоҳи Аҷам, шуруъ шуда, ба тартиби зайл омадааст:

Сада аввалин ҷашн буда, нисбат ба Наврӯз пештар пайдо шудааст. Асосгузори ин ҷашн набераи Кайюмарс Ҳушанг писари Сиёмак мебошад. Ин мард, ки тафсири номаш марди боҳуш ва бо фарҳанг мебошад, дар баробари дигар корномаҳо аз қабили ба мардум омӯхтани пешаи оҳангарӣ ва кишоварзӣ ҷашни Сада ба ӯ нисбат дода мешавад.

Ҷашнгирии Сада дар «Шоҳнома» хеле ҷолиб ба қалам дода шудааст. Ҳангоми ба сӯи кух рафтан аз назди Ҳушанг море пайдо мешавад ва ӯ морро бо санг заданӣ мешавад. Санг ба мор неву ба санги дигаре бар мехӯрад, ки аз он оташ ба вуҷуд меояд. Ҳушанг аз ин ҳодиса фоли нек гирифта, онро ҳадяи худовандӣ медонад. Ва оташи бузург афрохта, он шабро бо тарабу шодӣ истиқбол мекунад ва парастиши оташро муқаддас мешуморад, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин манзара хеле хотирмон ва ҷолиб ба қалам дода шудааст:

***Фурӯғе падид омад аз ҳар ду санг,***
***Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг.***
***Нашуд мор кушта валекин ин роз,***
***Падид омад оташ аз санг боз.***
***Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин,***
***Ниёиш ҳамекарду бихонд офарин.***
***Ки ӯро фурӯғе чунин ҳадя дод,***
***Ҳамин оташ онгоҳ қибла ниҳод.***
***Шаб омад, барафрӯхт оташ чу куҳ,***
***Ҳамон шоҳ дар гирди ӯ бо гурӯҳ.***
***Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)ард,***
***Сада номи он ҷашн фархунда кард.***
***Зи Ҳушанг монд ин сада ёдгор,***
***Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр***

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки ҷашни Сада аз даврони яке аз подшоҳони «Шоҳнома» Ҳушанг шуруъ шуда, ин ҷашн бо афрӯхтани оташи бузург оғоз мегардидааст. Мардум ин ҷашнро дар гирди оташ бо шодиву нишот ид мекарданд. Ва шояд оини оташпарастӣ низ дар расми порсиёни қадим аз ҳамон давра боқӣ монда бошад, ки онро муқаддас мешумориданд.

Дигаре аз ҷашнҳои суннатии мардумӣ, ки боиси ифтихори мардуми мо ва тамоми форстаборон аст ҷашни Наврӯз мебошад. Аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маълум мегардад, ки ҷашни Сада нисбат ба Наврӯз қадимтар аст. Бинобар ин дар ин асар ҷашни Наврӯз баъд аз ҷашни Сада омадааст.

Дар «Шоҳнома» низ мисли дигар сарчамаҳои таърихиву фарҳангӣ ҷашни Наврӯз ба шоҳ Ҷамшед нисбат дода мешавад, ки табори ӯ низ ба Каюмарс - аввалин подшоҳи сулолаи Каёниён, рафта мерасад. Агар ба насабномаи Ҷамшед назар андозем бо чунин тартиб меояд: Ҷамшед писари Таҳмурас писари Ҳушанг писари Сиёмак писари Каюмарс.

Даврони Ҷамшед низ ба ғайр аз корномаҳову кишваркушоиҳо сар то сар ободкориҳо мебошад. Масалан ҳунари тайёр намудани олоти ҷангӣ, ресандагиву бофандагӣ, саноати дорусозӣ ва истифодаи киштиҳо ба даврони ӯ нисбат дода мешавад. Лекин бузургтарин хизмати ӯ асос гузоштани ҷашни Наврӯз мебошад.

Ҷашни Наврӯз дар оини ҷамшедӣ ҳамчун рӯзи хушию хуррамӣ ёдовар шуда, он аз рӯзи ба тахти зарин нишастани Ҷамшед шуруъ гардида, бо ибораи Рӯзи нав ва ё аввали сол ёдовар шудааст, ки дар аҳди ӯ 300 сол давом мекунад: Чунончи дар «Шоҳнома» омадааст:

***Ба Ҷамшед – бар гавҳар афшонданд,***
***Мар – он рӯзро рӯзи нав хонданд.***
***Сари соли нав Ҳурмузи фарвадин,***
***Бароканда аз ранҷ тан, дил зи кин.***
***Бузургон ба шоди биёростанд,***
***Маю ҷому ромишгарон хостанд.***
***Чунин рӯзи фаррух аз он рӯзгор,***
***Бимонданд аз он Хусравон ёдгор.***
***Чунин сол сесад ҳамерафт кор,***
***Надиданд марг андар он рӯзгор***

Ва ниҳоят ҷашни дигари мардуми Аҷам Меҳргон мебошад, ки ин низ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба табори шоҳони Каёнӣ нисбат дода мешавад. Барои он ки хонандаи арҷманд ба мафҳуми Меҳргон хубтар ошно шавад, кӯшиш намудем, ки дар асоси дигар сарчашмаҳо низ ба ин вожа каме равшанӣ андозам. Дар «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ», Душанбе: Маориф, 1990 ин калима ба чор маъно омадааст, ки онро лозим донистем, ин ҷо ёдовар шавем. Меҳргон аслан вожаи тоҷикӣ буда маъкои зеринро дар бар мегирад: 1. меҳру муҳаббат; 2. номи рӯзи шонздаҳуми ҳар моҳ; 3. номи моҳи ҳафтуми соли шамсӣ, ки офтоб дар бурҷи Мизон қарор дорад ва ибтидои фасли хазон (тирамоҳ) аст; 4. номи яке аз идҳои қадимаи мардуми эроннажод.

Ба ҳар сурат доир ба Сада бисёри маълумотҳое, ки дар «Шоҳнома» вомехӯрад бо дигар маъхазҳои фарҳангӣ махсусан, мафҳуми он ба «Бурҳони Қотеъ» сахт наздикӣ дорад.

Чи дар «Шоҳнома» ва чи дар «Бурҳони Қотеъ» онро яке аз идҳои бузурги тоҷикон дониста, ҷашни онро ба Фаридун авлоди падари Ҷамшед Таҳмурас нисбат медиҳанд. Ногуфта намонанд, ки Фаридун низ дар «Шоҳнома» яке аз шоҳони аввалин аз сулолаи пешдодиён мебошад. Ҳамчунин ин рӯзро рӯзи фархунда дониста, онро ҳамчун рӯзи ба меҳру муҳаббат пайвастан, рӯзи меҳрубонии шоҳон ба раият медонистанд. Бахусус дар «Шоҳнома» Фаридун ҳамчун подшоҳи одил, меҳрубон ва саховатманд, ҳамчун асосгузори ҷашни Меҳргон ба қалам дода шудааст. Бахшоиши Фаридун то ба дараҷа будааст, ки дарвешро аз доро фарқ карда намешудааст. Ҳамчунин ин рӯзро ғалабаи некӣ бар бадӣ, рӯзи дар кухи Дамованд баста шудани Заҳҳоки морон, ки шоҳи бисёр бадкирдор буд ва аз тарафи Фаридун ҷазо дода шуда буд, медонанд. Ва шояд дар «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ» (саҳ. 148), ба маънои рӯзи қатли шоҳи золим омадани вожаи Меҳргон рабт ба ҷазо додани Заҳҳок аз тарафи Фаридун бошад. Ба ҳар сурат ин ид дар тули ҳазорсолаҳо аз ҷиҳати шукӯҳу шаҳомот на камтар аз иди Наврӯз аст. Ҳатто аз рӯи анъанаи ҷашнгирӣ он низ мисли Наврӯз шаш рӯз идома меёфтааст ва онро ба Меҳргони хос ва омма ҷудо менамуданд. Ибтидои рӯзи шонздаҳум то рӯзи бистум Меҳргони омма ва рӯзи бисту якумро Меҳргони хоса мегуфтанд, ин мафҳум дар фарҳанги ашъори Рӯдакӣ (саҳ. 148 – 149) шарҳи худро хеле хуб ёфтааст.

Дар «Шоҳнома» Меҳргон дар достони Фаридун омадааст. Фаридун ҳамчун давомдиҳандаи ойини каён тамоми расму русуми авлодони худро арҷ гузошта риоя мекардааст. Ва рӯзе аз рӯзҳо дар аввали Меҳрмоҳ ҷашни наве барпо намуд, ки онро Меҳргон ном ниҳоданд. Чуноне ки дар «Шоҳнома» дар ин бора ишора меравад:

***Ба расми каён тоҷу тахти меҳӣ,***
***Биёрост бо кохи шоҳаншаҳӣ .***
***Ба рӯзи хуҷаста сари меҳру моҳ,***
***Ба сар бариниҳод он каёнӣ кулоҳ.***
***Замона беандӯҳ гашт аз бадӣ,***
***Гирифтанд ҳар як раҳи эзадӣ.***
***Дил аз довариҳо барандохтанд,***
***Ба оини кай ҷашни нав сохтанд.***
***Маи равшану чеҳраи шоҳи нав,***
***Ҷаҳон гашт равшан сари моҳи нав.***
***Парастидани Меҳргон дини ӯст,***
***Таносоиву хурдан оини ӯст.***
***Кунун ёдгор аст аз ӯ моҳи Меҳр,***
***Бикушу ба ранҷ эч манмой чеҳр***

Ҷашни Меҳргон дар оини Ардашери Бобакон ба таври хоса қайд карда мешудааст. Он мисли оини Фаридун бо маросими тоҷгузорӣ оғоз гардида, сараввал қабули донишмандону муъбадон баъдан аз тарафи мардум илтифоту меҳрубонӣ ба як дигар, нӯшидани гулоб ва ба бадан молидани равғани бон, ки онро табарук медонистанд, оғоз мегардидааст.

Оростани ҳафт хон аз шакар ва меваҷоте мисли турунҷ, себ, биҳӣ, ангур, уноб, анор ба фарзанд ниҳодани ном ва аз шири модар ҷудо кардани кӯдак ҳамчун фоли нек аз ҷумлаи оинҳои анъанашудаи даврони Ардашери Бобакон мебошад, ки дар оини шоҳони дигар идома ёфтааст.

Хулоса, Меҳргон ҳамчун рамзи меҳру муҳаббати инсонҳо ба якдигар дар оини шоҳон асрҳо роиҷ будааст.

Ҳатто устод Рӯдакӣ низ аз ин ҷашн ба ваҷд омада, чунин сароидааст.

***Малико ҷашни Меҳргон омад,***
***Ҷашни шоҳону хусравон омад***

Бад-ин минвол дар асоси таҳлили «Шоҳнома»-и безаволи устод Фирдавсӣ метавон ҳадс зад, ки ҷашнҳои бузурги аҷдодии мо Сада, Наврӯз ва Меҳргон таърихи хеле қадима дошта, он ба давроии ҳукумронии аввалин шоҳони каёнӣ рост меомадаст. Фирдавсӣ дар симои шоҳони Аҷам ва расму оинҳои ҷоринамудаи онҳо на танҳо оини оташпарастӣ ва базму нишот, инчунин хайру эҳсон, бахшишу саховат, некиву накӯкорӣ, покиву парҳезкорӣ ва меҳру муҳаббати инсонҳоро ба якдигар нишон додааст.

Қиссаҳои «Шоҳнома» зимни нишон додани оини шоҳон бозгӯи расму оин ва урфу одатҳои неки ниёгони мо мебошанд.



***Шермад Тоиров - муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон***

# ҲАМГИРОИИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ИСТЕҲСОЛОТ

Дар шароити мураккабшавии вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсию ҳарбии ҷаҳони муосир илму инноватсия ва техникаю технология мавқеи меҳвариро касб мекунад, чунки ченаки муайянкунандаи иқтидори ин ё он қудрат, қудрати илм аст. Ҳамин аст, ки ҳаким А. Фирдавсӣ фармудааст: «Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад». Бешаку шубҳа иқтидори ҳар як давлату миллат ба иқтидори неруи зеҳнии он вобастагӣ дорад, ки раванди шиддатбахшидани неруи зеҳниро дар ҷомеа раванди ҳамгироӣ ба танзим медарорад. Дар охири асри 20 ва ибтидои асри 21 баробари босуръат густариш ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ тамоми прогресҳои ҷаъмиятиро тамоюли ҳамгироӣ (интегратсия) фаро гирифт, ки дар ин раванд илму маориф ва истеҳсолот мавқеи меҳвариро касб намудааст.

Илм ва маориф дар шароити кунунӣ ба тамоюли пешбаранда ва самти афзалиятноки аксарияти давлатҳои рушдёфта табдил ёфтааст. Ба ин масъала академик А.М. Прохоров ишора намуда қайд менамояд, ки «Агар кишвар барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ва аз худ кардани технологияи нав саъю талош наварзад, он ногузир дар радифи мамлакатҳои ақибмонда қарор мегирад ва истиқлолияту асолти хешро аз даст медиҳад». Илм, маориф ва истеҳсолот муҳарики пешбарандаи иқтисоди миллӣ, воситаи асосии ҳифзи фарҳангу тамаддун ва омили асосии рушди истиқлолияти миллӣ мебошад. Доир ба муҳимияти ин масъала коршиноси ватанӣ Қурбонов А.Ш. қайд менамояд: “Давлатдории миллӣ, пеш аз ҳама, ба он халқҳое, муяссар мегардад, ки дар кишвари онҳо илм ташаккулёфта бошад”.

Дар шароити истиқлолитяи давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии созандаву бунёдкорона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама самтҳои давлатдории миллӣ як қатор музаффарияту муваффақиятҳои беназир мушоҳида мешавад ва дар сиёсати кунунии ҳукумати мамлакат илму маориф ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии он қарор гирифтааст. Роҳбарияти олии мамалакат пешрафту рушди устувори давлатдории миллиро маҳз дар пешрафти илму маориф ва татбиқи дастовардҳои илмӣ мебинад ва зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкит гардид, ки: «Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад». Дар воқеъ, омили асосии баландбардории иқтисодиёти миллӣ, ки он асоси рушди сармояи инсонӣ мансуб мешавад, пеш аз ҳама, иқтидори илмӣ ва пешрафти илму технология ва дастовардҳои навини илмӣ ба шумор меравад, ки ин масъулият ба души муассисаҳои илмӣ, махсусан, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва корхонаҳои санотӣ, воситаи асосии татбиқи илм дар истеҳсолот ба шумор меравад, вогузор аст.

Зарурати ҳамгироии илму маориф ва истеҳсолот: Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат илму маориф ҳамчун

(идома дар саҳифаи 10)

*Туро, эй Тоҷикистони азизам,*
*Ҳамеша ман чу модар мепарастам. Ашӯр Сафар*

Анвори дониш
№2 (347), ПАНҶШАНБЕ, 07.03.2024

# БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ



Ҳанӯз 2-юми июни соли 1940 Қарори Шурои Комиссарони Халқи ҶШС-и Тоҷикистон, тахти №124 «Дар бораи дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб таъсис додани Донишкадаи давлатии муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлоб» ба тасвиб расида буд. Вале бо сабабҳои маълуми давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ин қарор иҷро нагардид. Бори дигар Қарори Ҳукумати ҶШС-и Тоҷикистон аз 15 августи соли 1945 «Дар бораи таъсис додани Донишкадаи давлатии муаллимтайёркунӣ дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Кӯлоб» интишор гардид, ки ба бунёди донишкада асос гузошт.

Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб бо Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.1992, тахти №235 номи Донишгоҳи давлатии Кӯлобро гирифт ва аз 24.04.2009 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ номгузорӣ шудааст.

Донишгоҳ дар тайёр намудани кадрҳои илмии соҳаҳои маориф ва хоҷагии халқ барои ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон саҳми босазо гузоштааст. Дар зарфи 79-соли фаъолият бештар аз 56226 мутахассисони дорои маълумоти олӣ омода гардидааст.



Донишгоҳ дорои 10 факултет: 1. Физика ва математика; 2. Химия ва биология; 3. Филологияи тоҷик ва журналистика; 4. Филологияи рус; 6. Таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ; 7. Омӯзгорӣ ва фарҳанг; 8. Иқтисод ва идора; 9. Молиявию иқтисодӣ; 10. Тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ мебошад, ки дар онҳо донишҷӯён дар таълими рӯзона фосилавӣ ва ғоибона дар шакли буҷавӣ, тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномавӣ таҳсил менамоянд.

Шумораи умумии донишҷӯёни Донишгоҳ ба 9948 нафар (6386н. духтар) баробар аст, ки аз ин шумора 5079 нафар (2584н. духтар) дар таълими рӯзона, 4339 нафар (3369н. духтар) дар таълими фосилавӣ ва 530 нафар (433н. духтар) дар таълими ғоибона таҳсил мекунанд.



Донишгоҳ дорои Шурои диссертатсионӣ (6DKOA.002) аз рӯйи 2 равия (педагогика ва психология) ва 3 ихтисос мебошад, ки фаъолияти пурсамар дошта, унвонҷӯён ва докторантон рисолаҳои илмии худро мунтазам ҳимоя намуда истодаанд.

Донишгоҳ дорои 37 кафедра буда, аз рӯи 61 ихтисос мутахассис тайёр мекунад. Шумораи умумии кормандони илмӣ ва омӯзгорон дар донишгоҳ 501 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 113 нафарро кормандони дорои дараҷа ва унвони илмидошта ташкил мекунанд. Аз ин 9 нафар доктори илм, профессор ва 104 нафар номзади илм ва дотсент мебошанд.

Дар заминаи Донишгоҳ Коллеҷи омӯзгорӣ, Кӯдакистони «Ситора», Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Сайдалӣ Вализода дар шаҳри Кӯлоб, Истироҳатгоҳи “Истиқлол” дар ноҳияи Муъминобод ва маркази таълимӣ – машваратии «Дурахшон» фаъолият менамоянд.



Ҳамкориҳои донишгоҳ, дар баробари муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳамзамон, бо беш аз 90 муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷи дуру наздик - Федератсияи Россия, Белорус, Украина, Молдова, Озорбойҷон, Эстония, Қазоқистон, Қирғизистон, ИМА, Олмон, Англия, Чин, Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Италия ва ғайра ба роҳ монда шудааст.



Бо Қарори Ташкилоти байналмилалии сертификати сифати аврупоии Институти Шведсариягӣ (Донишгоҳи Оксфорди Британияи Кабир) Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ соҳиби Иҷозатнома (литсензия) ва Сертификати байналмилалии сифати Аврупо (Ҷоиза) гардидааст.

Дар заминаи Донишгоҳ 21 озмоишгоҳҳои таълимӣ, илмӣ - тадқиқотӣ мавҷуд аст, ки бо дастгирии Вазорати маориф ва илм ва Бонки Ҷаҳонии Рушд дар доираи татбиқи лоиҳаҳои «Рушди таҳсилоти олӣ» ва «Такмили барномаҳои таълимии ихтисоси биология (биотехнология) вобаста ба талаботи бозори меҳнат» дар факултети химия ва биология 5 озмоишгоҳи муосири химиявӣ ва дар факултети физика ва математика 1 озмоишгоҳи муосири физикавӣ муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти заруриии соҳавӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки барои донишҷӯёну магистрантон, докторантони PhD, унвонҷӯёну муҳаққиқони соҳаҳои марбутаи илм имконоти васеи озмоишу санҷиш ва таҳқиқотҳои илмиро фароҳам меоваранд.

Соли ҷорӣ бо дастгирии бевоситаи Раёсати донишгоҳ дар назди муассиса маркази таълимӣ-машваратии “Дурахшон” бо тамоми шароитҳои муосир ҷиҳати омода намудани довталабон барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи кластерҳо, омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, хитой ва олмонӣ) ва машварати психологӣ таъсис дода шуд, ки айни замон довталабон дар курсҳои мавҷуда ба таълим фаро гирифта шудаанд.



Китобхонаи Донишгоҳ дорои китобҳои илмӣ-методӣ, бадеӣ ва 4 толори хониш буда, дар маҷмуъ фонди китобхонаи Донишгоҳ ба 110055 адад баробар аст, ки 106135 адади он китобҳои ғайриэлектронӣ ва 3920 адади он электронӣ мебошанд. Китобҳо дар китобхона ба забонҳои тоҷикӣ 32138 адад, русӣ 76120, англисӣ 1504 адад ва дигар забонҳо 293 адад мавҷуд аст.



Донишгоҳ дорои хобгоҳ барои 368 ҷой ва бунгоҳи тиббии бо тамоми шароитҳои зарурӣ муҳайё мебошад. Ҳамзамон, донишгоҳ дорои синфхона ва марказҳои илмию инноватсионӣ, омӯзиши забонҳо, рушди касбият ва инноватсияи муҷаҳҳаз бо технологияҳои замонавӣ, пайваст ба интернети баландсуръат, толорҳои маҷлисӣ ва варзишии барҳаво мебошад.

Хобгоҳи Донишгоҳ яке аз шаклҳои худтанзимкунии фаъолият дар донишгоҳ буда, пайваста зери таваҷҷуҳи Раёсати донишгоҳ қарор дорад. Хобгоҳ аз 4 ошёна ва 74 ҳуҷра иборат буда, дар онҳо донишҷӯдухтарон истиқомат менамоянд. Шумораи донишҷӯёни дар хобгоҳ истиқоматкунанда 368 нафар буда, аз онҳо 120 нафар тариқи квотаи Президентӣ, 4 нафар ятимони кулл, 144 нафар тариқи шартномавӣ ва 104 нафар тариқи ройгон таҳсил менамоянд.



**Рамзи Донишгоҳ дар ММТНПҶТ: 111**

*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб яке аз марказҳои асосии тайёр намудани омӯзгорон ва рушди фарҳангу адаби кишвар ба ҳисоб рафта, ҳазорон нафар дастпарварони он имрӯз дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ ва соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллиамон дар ҳамаи минтақаҳои кишварамон ва хориҷ аз он фаъолият доранд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

# Номгӯи ихтисосҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои соли таҳсили 2024-2025

| № | Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | Нархнома | | | Забони таҳсил | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Рӯзона | Ғоибона | Фосилавӣ | Тоҷикӣ | Русӣ | Англисӣ |
| **КЛАСТЕРИ 1 (ТАБИӢ ВА ТЕХНИКӢ)** | | | | | | | | |
| 1. | 1-02 05 01 | Математика | 2590 | 2500 | | тоҷикӣ | | |
| 2. | 1-02 05 05 | Информатика | 2590 | 2100 | | тоҷикӣ | | |
| 3. | 1-31 03 03-02 | Математикаи амалӣ | 2260 | - | | тоҷикӣ | | |
| 4. | 1-02 05 04-03 | Физика.Таълими меҳнат | 2260 | - | | тоҷикӣ | | |
| 5. | 1-02 05 04 01 | Физика.Математика | 2590 | 2100 | | тоҷикӣ | | |
| 6. | 1-02 06 02-03 | Технология аз руйи самтҳо (меҳнати техникӣ) Асосҳои бехатарии ҳаёту фаъолият | 2300 | - | | тоҷикӣ | | |
| 7. | 1-31 03 04 08 | WEB-дизайн ва графикаи компютерӣ | 2635 | | 2500 | тоҷикӣ | | |
| 8. | 1-3104010207 | Энергофизика | 2590 | | | тоҷикӣ | | |
| **КЛАСТЕРИ 2 (ИҚТИСОД ВА ГЕОГРАФИЯ)** | | | | | | | | |
| 1. | 1-2501 04-02 | Кори бонкӣ | 4200 | | 3500 | тоҷикӣ | | |
| 2. | 1-25 01 04 | Молия ва қарз | 4200 | | 3500 | тоҷикӣ | русӣ | |
| 3. | 1-25 01 08-03 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ | 4650 | | 3500 | тоҷикӣ | | |
| 4. | 1-25 01 03 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 4650 | | | тоҷикӣ | | англисӣ |
| 5. | 1-25 01 04-03 | Андоз ва андозбандӣ | 4500 | | 3500 | тоҷикӣ | | |
| 6. | 1-250111 | Аудит ва ревизия | 4650 | | | тоҷикӣ | | |
| 7. | 1-25 01 04 10 | Менеҷменти молиявӣ | 4200 | | | тоҷикӣ | | |
| 8. | 1-960101 | Хадамоти гумрукӣ | 4650 | | 3500 | тоҷикӣ | | |
| 9. | 1-26 02 02-06 | Менеҷменти иҷтимоӣ (маориф) | 4200 | | 3500 | тоҷикӣ | | |
| 10. | 1-26 02 03 | Маркетинг | 4200 | | 3500 | тоҷикӣ | | |
| 11. | 1-25 01 07 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 4500 | | 3500 | тоҷикӣ | | |
| 12. | 1-26 01 01 01 | Идораи мақомоти маҳаллӣ | 4650 | | - | тоҷикӣ | | |
| 13. | 1-02 04 02 | География | 2240 | 2100 | | тоҷикӣ | | |
| 14. | 1-31 02 01-0203 | Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳат | 2800 | | 2650 | тоҷикӣ | | |
| 15. | 1-89 01 01 | Сайёҳат ва меҳмондорӣ | 2800 | | | тоҷикӣ | | |
| 16. | 1-020405 | География. Иқтисодиёт | 2700 | | | тоҷикӣ | | |
| 17. | 1-25010204 | Иқтисодиёти рақамӣ | 4500 | | | тоҷикӣ | | |
| 18. | 1-260103 | Идораи давлатӣ ва иқтисодиёт | 4500 | | 3500 | тоҷикӣ | | |
| 19. | 1-26010301 | Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ | 4500 | | | тоҷикӣ | | |
| **КЛАСТЕРИ 3 (ФИЛОЛОГИЯ, ПЕДАГОГИКА ВА САНЪАТ)** | | | | | | | | |
| 1. | 1-02 03 01 | Забон ва адабиёти тоҷик | 2700 | 2200 | | тоҷикӣ | | |
| 2. | 1-020303 | Забон ва адабиёти тоҷик. Маърифати оиладорӣ | 2700 | | | тоҷикӣ | | |
| 3. | 1-23 03 08 | Рӯзноманигорӣ | 2700 | | | тоҷикӣ | | |
| 4. | 1-21 05 01 03 | Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ | 2400 | | | тоҷикӣ | | |
| 5. | 1-230108-0202 | Рӯзноманигори радио | 2700 | | | тоҷикӣ | | |
| 6. | 1-230108-0203 | WEB-рӯзноманигорӣ | 2700 | | | тоҷикӣ | | |
| 7. | 1-02 03 02 | Забон ва адабиёти рус | 2760 | 2650 | | | русӣ | |
| 8. | 1-02 03 04-01 | Забон ва адабиёти рус. Забон ва адабиёти тоҷик | 2760 | | | тоҷикӣ, русӣ | | |
| 9. | 1-02 03 06 | Забони хориҷӣ (англисӣ) | 3560 | 3100 | | | | англисӣ |
| 10. | 1-02 03 06-01 | Забони англисӣ. Забони олмонӣ | 3560 | | | | | англисӣ |
| 11. | 1-01 02 01 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 2350 | 2200 | | тоҷикӣ | | |
| 12. | 1-01 02 02-03 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусиқӣ | 2350 | | | тоҷикӣ | | |
| 13. | 1-01 02 02 05 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Забони русӣ | 2350 | 2200 | | тоҷикӣ, русӣ | | |
| 14. | 1-01 02 02-02 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати тасвирӣ | 2350 | | | тоҷикӣ | | |
| 15. | 1-01 01 02-06 | Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиносии амалӣ | 2350 | 2200 | | тоҷикӣ | | |
| 16. | 1-01 01 02-03 | Таҳсилоти томактабӣ. Забони хориҷӣ (англисӣ) | 2350 | | | тоҷикӣ, англисӣ | | |
| 17. | 1-23 01 11-01 07 | Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ аз рӯйи самтҳо (Фаъолияти илмию методии китобхонаҳо) | - | | 2200 | тоҷикӣ | | |
| 18. | 1-23 01 04 01 | Психологияи умумӣ | 2350 | | | тоҷикӣ | | |
| 19. | 1-03 03 08-01 | Олигофренопедагогика. Таҳсилоти томактабӣ | 2350 | | | тоҷикӣ | | |
| 20. | 1-03 03 05-02 | Логопедия. Таҳсилоти ибтидоӣ | 2350 | | | тоҷикӣ | | |
| 21. | 1-03 04 03 | Равоншиносии амалӣ | 2350 | | | тоҷикӣ | | |
| **КЛАСТЕРИ 4 (ҶОМЕАШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚ)** | | | | | | | | |
| 1. | 1-23 01 01 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 4300 | | | тоҷикӣ | | |
| 2. | 1-02 01 01 | Таърих | 2350 | 2200 | | тоҷикӣ | | |
| 3. | 1-02 01 02 | Таърих. Ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ) | 3400 | 3100 | | тоҷикӣ | | |
| 4. | 1-23 01 06-0103 | Сиёсат ва идораи давлатӣ | 4300 | | 3100 | тоҷикӣ | | |
| 5. | 1-26 01 01 | Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | 4300 | | 3100 | тоҷикӣ | | |
| 6. | 1-020102-05 | Таърих. Диншиносӣ | 2350 | | | тоҷикӣ | | |
| **КЛАСТЕРИ 5 (ТИБ, БИОЛОГИЯ ВА ВАРЗИШ)** | | | | | | | | |
| 1. | 1-31 01 01-03 | Биология (биотехнология) | 2800 | | | тоҷикӣ | | |
| 2. | 1-02 04 06-01 | Химия. Биология | 2800 | 2650 | | тоҷикӣ | | |
| 3. | 1-02 04 06 | Химия. Экология | 2800 | 2650 | | тоҷикӣ | | |
| 4. | 1-02 04 04 | Биология. Экология | 2800 | 2650 | | тоҷикӣ | | |
| 5. | 1-310501-01 01 | Химия аз рӯйи самтҳо (химияи аналитикӣ) | 2800 | | 2650 | тоҷикӣ | | |
| 6. | 1-03 02 01 | Тарбияи ҷисмонӣ | 2650 | 2500 | | тоҷикӣ | | |
| 7. | 1-03 02 02 | Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ | 2650 | 2600 | | тоҷикӣ | | |

*Тоҷи сари ҷумла ҳунархост илм,*
*Қуфлкушои ҳама дарҳост илм. А. Ҷомӣ*



*(идома аз саҳифаи 7)*

# ҲАМГИРОИИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ИСТЕҲСОЛОТ

воситаи асосии пешрафти давлату миллат инъикос гардид: «Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад». Дар шароити кунунӣ, ки вазъи геополитикии ҷаҳон бисёр мураккабу сертаниш аст, рушди иқтисоди миллӣ ба рушди истеҳсолоти ватанӣ вобастагӣ дорад. Мусаллам аст, ки истеҳсолот он вақт рушд меёбад, ки таҳқиқоти илмӣ ба талаботи истеъмолкунандагон муфовиқ гардонида шавад. Дар робита ба ин ҳамчун муҳаққиқ ва шаҳрванди кишвар пешниҳод менамоям, ки зарурати вокеии масоили мазкурро ба назар гирифта, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав Стратегияи ягонаи ҳамгироии илм ва истеҳсолотро таҳия намуда, ба ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд. Лозим ба таъкид аст, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар алоқамандӣ ба ин масъала иброз доштанд, ки: «Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад». Дар ин росто Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи корхонаҳои санотии мамлакат мутахассис омода намуданро пешаи кори худ қарор диҳанд, ки ин раванд пурра ба раванди ҳамгироии илм ва истеҳсолт шомил мегардад.

Таҷрибаи давлатҳои пешқадам собит месозад, ки рушди иқтисоди миллиро бе ба роҳмондани интегратсияи илму истеҳсолот дар раванди ҷаҳонишавӣ ғайриимкон аст. Мувофиқи таҳлилҳо ҳамон, корхонаҳои саноатӣ муваффақанд, ки барои самарабахшии фаъолияти худ бо марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамкории зич доранд. Агар инро дар мисоли кишвари худ гирем, корхонаи саноатӣ бо марказҳои илмӣ-таҳқиқотии дохилӣ ё хориҷи кишвар ҳамкоридошта теъдодашон ангуштшумор аст. Дар ин сурат корхонаи саноатӣ зуд ба бухрон гирифтор мешавад, илм бошад бе натиҷаю дар варақ боқӣ мемонад ва ин барои ҷомеа ва давлат наонқадар хушоянд аст. Хуб мешуд, ки дар ин самт Вазорати саноат ва технологияҳои нав бо институтҳои таҳқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар марказҳои таҳқиқотӣ ҳамкориро ба роҳ монад.

Бояд зикр кард, ки яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат, ин саноаткунонии босуръат мебошад ва рушди саноатро бе сайқал додани неруи зеҳнии мамлакат тасаввур кардан имконнопазир аст. Масъалаи норасоии кадрӣ дар самти корхонаҳои саноатӣ, низ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат ишора гардид: «Дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос вуҷуд доранд». Аз ин бар меояд, ки барои давраи минбаъда муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар муассисаҳое, ки ба омода намудани мутахассисони соҳаи саноат машғуланд, бояд ҳамкориро бештар намуда, байни ҳам табодули таҷриба намуда, корро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳад, механизми асосии рушди иқтисодиёт на саноат, балки неруи зеҳнӣ ба шумор меравад. Бо мақсади ҳавасмандгардонии кормандони соҳаи илм ва маориф дар замони соҳибистиқлолӣ сол то сол маоши кормандони ин ниҳод баланд бардошта шуда, вазъи зиндагонии онҳо хубтар мегардад. «Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин радабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд». Дар ҷавоб ба ин дастгириҳои ҳукумати мамлакат масъулин бояд, аз синаи соф кор карда, дар тайёр намудани мутахассисони ҳирфавӣ ва бомаҳорат талош варзанд, ҳамчунин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебояд, ки барои тарбия намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ заминаҳои хуби иҷтимоӣ фароҳам оранд. Зеро масъалаи омода намудани кадрҳои болаёқат ба яке аз масъалаҳои калидии ҳаёти иҷтимоии мамлакат табдил гардидааст, ки ин ҳолат дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат садо дод:- «Дар ин раванд, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамкории фаъол бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси техникиву муҳандисӣ чораҷӯӣ намоянд». Мушкилоти мазкур аз зарурати сарибвактии ҳамгироии маориф бо илм ва истеҳсолот дарак медиҳад. Барои беҳтар омода намудани кадрҳои болаёқату боистеъдод зарур аст, ки табодули таҷриба миёни донишгоҳҳо ва академияҳо сари вақт ба роҳ монда шавад. Яке аз воситаҳои асосии ба талаботи бозори меҳнат омода намудани мутахассисони рақобатпазир ин ба роҳ мондани ҳамгироии илми академӣ бо илми кафедравӣ ва робитаи диалектикӣ доштани таълимгирандагон бо олимон ва озмоишгоҳҳо ба шумор меравад.

Як нуктаро бояд махсус дарҷ намуд, ки дар шроити кунунии авҷи ҷанги сард, барои ҳифзи амнияти ҳар як кишвар илм ва маориф чи барои таъмини амнияти идеологӣ ва чи барои таъмини иқтисоди миллӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Барои ин ҳар як кишварро зарураст, ки низоми маорифи пешрафта ва иқтидори илмии баланд дошта бошад. Ин зарурат низ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат возеҳ инъикос гардид:- «Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд».

Дар маҷмуъ илм, маориф ва истеҳсолот мисли занҷираи ғизоии табиат буда, пайвастагии доимиро талаб менамояд.

*Ғаюров Лоиқ - мудири кафедраи фалсафа*

# ЛИБОСИ МИЛЛӢ-БОЗГӮЙИ ҲУВИЯТ

Миллати тоҷик дорои таърихи қадима ва фарҳанги тамаддунофар мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои эҳёи анъанаҳои миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҳукумати кишвар гардида, бо таваҷҷуҳи бевоситаи Сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вусъат ва ривоҷу равнақи тоза гирифт.

Тавре ки аз таърих маълум аст, инсоният аз аввали пайдоиши ҳаёт дар табақаҳои иҷтимоии гуногун вобаста ба мавқеи ҷамъиятии худ, ба масъалаи пӯшидани либос диққати махсус медоданд. Агар ба ибтидои ташаккули инсоният оид ба интихобу пӯшидани либос назар афканем, воқиф мегардем, ки инсон барои пӯшидани тан аз барги дарахтон, пӯсти ҳайвонҳо истифода карда бошанд ҳам, минбаъд вобаста ба тараққиёти шуури ҷамъиятӣ истифодаи ин фарҳангро ба шаклҳои гуногун густариш додаанд.

Фарҳанги либоспӯшӣ бо мурури замон, оҳиста-оҳиста тараққӣ ёфта, маданияти ҷудогонаеро барои ҳар як миллат муайян ва муқаррар намуд.

Дар замони муосир ҳар як халқу давлат мувофиқ ба шароити иқтисодӣ ва фарҳангӣ барои ҳамон ҷомеа ва миллати худ хос либоси махсусро интихоб намуда, онро ба расмият даровардааст.

Бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мурури замон танзим ва риояи либосҳои миллӣ ба расмият даровара шудаанд. Вале, ба назар мерасад, ки на ҳама қишри ҷомеа талаботи муқарраротӣ мазкурро риоя менамоянд.

Мутаассифона, имрӯз ба қишре аз ҷомеаи кишвар, алалхусус-ҷавонон, тамошои кинофилмҳои туркӣ, суруд ва мусиқиҳои тақлидкунандаи фарҳанги бегона таъсири манфӣ расонидааст. Махсусан, қишри наврасу ҷавон дар донишгоҳ ва донишкадаҳо пӯшидани ҷӯробҳои кӯтоҳ ҳам дар байни чавондухтарон ва ҳам байни ҷавонписарон, пойафзолҳои варзишӣ (красовка), ниқобҳои сиёҳ, сатру ҳиҷоб барин либосҳоеро ба бар менамоянд, ки ҳам ба саломатӣ ва ҳам ба эстетикаи пӯшидани онҳо, ки ба талаботи либоси ягонаи донишҷӯӣ ҷавобгӯ нестанд, аз фарҳанги паст доштан ва тақлид ба бегонапарастӣ дарак медиҳад.

Тавре ки Пешвои муаззами миллат таъкид менамоянд: «Моро зарур аст, ки ба зуҳуроти нангини бегонапарастӣ ҳар чи зудтар хотима бахшида, сару либосҳои миллии духтарону бонувонро бештар тарғиб намоем, пеши роҳи тақлиду таассуб ба зоҳирпарастиро гирем ва дар миёни занону бонувон корҳои фаҳмондадиҳиро вусъат бахшем».

Дар робита ба масъалаи мазкур ҷиҳати пешгирии ҷавонон аз тақлид ба фарҳанги бегона ва тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ лозим меояд, ки зимни баргузории машғулиятҳои тарбиявӣ, ба масъалаҳои арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ, одоби пӯшидани сару либос ва риояи меъёри муқаррааргардидаи тартиби либоспӯшии донишҷӯён аҳамияти ҷиддӣ дода, ба корҳои фаҳмондадиҳӣ тақвият бахшем, ҳамчунин дар ин замина дар замири онҳо фарҳанги либоспӯшии миллиро бедор намоем.

Дар айни ҳол мардуми мо, хусусан занон ба сару либосҳои эронӣ, туркӣ ва дигар миллатҳо тақлид мекунанд, ки боиси паст гардидани пешравии фарҳанги либосҳои миллии мо мегардад. Бо истифода аз фарҳанги пӯшиши либосҳои эронӣ аксари онҳо бар он ақидаанд, ки гӯё дар тақводорӣ, диндорӣ худро мустаҳкам нишон медиҳанд, ки ин, албатта, хатои маҳз аст. Бехабар аз он ки бо ин амалашон эҳтиром ва қадру қиммати маданияти либоспӯшии модарони тоҷикро зери по мекунанд ва тадриҷан ин амал ба косташавии фарҳанги волои либоспӯшии миллати тоҷик таъсиррасон мебошад. Набояд фаромӯш кард, ки яке аз ифодагари тамаддуни хеле пешрафтаи халқи тоҷик ин либоси миллӣ мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки аз қадимулайём гузаштагони мо бофарҳанг, бомаданияту зебопараст буданд, ки онҳо бо пӯшидани либосҳои миллии худ ҳам тамаддун ва ҳам фарҳанги миллати тоҷикро дар таърихи башарият маъруфу машҳур намудаанд.

Вақте ки сухан дар бораи либос меравад, дар зери мафҳуми он либоси миллӣ ҳамчун як рукни муҳимми фарҳанги миллӣ дар назар дошта мешавад, ки бояд арзишмандии маънавии онро ҳифз бояд кард, то наслҳои оянда низ ба он арҷгузору меросбар бошанд.

Дар ин раванд дарк ва омӯзиши фазилат ва ҳикмате, ки либоси миллии ҳар як халқ дар худ симои маънавии ӯро таҷассум менамояд, василаи муҳимми худшиносӣ ва худогоҳӣ махсуб меёбад. Дар ҳама давру замон инкишофу пешравии фарҳанги миллӣ дар дасти ҷавонон буд. Ҷавонон, аз ҷумла духтарон метавонанд, фарҳанги худро боз ҳам баланд бардошта, бо либоси адрасу атлас ва чакан, мӯйи бофта, тоқии гулдӯзӣ худро зебу зинат дода, маданияти миллии худро бо ин амалашон дар олам муаррифӣ намоянд.

Хушбахтона, дар давраи Истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи мазкур Пешвои муаззами миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Бо талошҳои пайвастаи он кас дар баробари расму оинҳои миллӣ ба масъалаи либос низ аҳамияти махсус дода шуд. Яке аз чунин либосҳо, ки бо он дар ҷаҳон халқи тоҷикро шинохтанд, чакани тоҷикӣ мебошад.

Моҳи ноябри соли 2018 чакани тоҷикӣ ба феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ворид шуда, дар арсаи ҷаҳон маъруф гардид. Гулдузиҳое, ки дар рӯйи нақши он оварда шудаанд, ифодагари мазмуну моҳияти ба худ хос мебошад.

Либоси миллии дигар, ки атласу адрас аст, имрӯзҳо дар ҷашну чорабиниҳои фарҳангӣ бонувони тоҷик онро ба бар менамоянд, ки ҳамчун нишони ҳуввияти волои миллати тоҷик мебошад.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як фарди тоҷик дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳӣ тарбия намудани насли ҷавон мебошад.

Либоси миллӣ оинаест, ки дар он фарҳанги миллии мо инъикос ёфтааст. Миллати тоҷик миллати соҳибтоҷ аст, аз ин лиҳоз, дар тамоми соҳаҳо мо бояд аз таърихи бостониву тамаддунсози худ, аз хунар ва арзишҳои волои фарҳанги миллӣ, ҳамзамон, аз либосҳои миллӣ, аз матои атласу адрас ва зардӯзиву чакан, ки моро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамояд, бархурдор бошем.

Ҳамин тариқ, моро зарур аст, ки ба қадри фарҳанги волои тоҷиконаи худ бирасем ва иффату зебоии занонаи худро ҳамеша нигаҳбон бошему занону бонувону ҷавондухтаронро дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештанпарастӣ тарбия намоему аз либоси миллии худ ифтихор дошта бошем.

Дар интиҳои матлаб қайд кардан бамаврид аст, ки мо бояд ҳамеша бо дӯст доштану арҷ гузоштани либоси миллӣ, муаррифгари миллати фарҳангсолору тамаддунофари худ бошем.



*Мубина Қаюмова - раиси шурои занони факултети филологияи тоҷик ва журналистика*

*Эй зани тоҷик, зани фарзонаи давру замон,*
*Эй фаришта, эй расида чун атои осмон! К. Насрулло*



# МОДАРАМ ОЛИҲАИ ДУНЁИ МАН...

## МОДАР – ОФАРИДГОРИ ҲАЁТ

Модар! Эй илоҳаи меҳр. Ту гули хушбӯ аз биҳиштӣ, ки гулхонаи дилам аз атри ту саршор аст. Модар ба поси он чӣ, ки ба мо додаӣ, ба ситоиши муҳаббатҳои беандозаат ва ба вусъати ҳамаи хубиҳоят, имрӯз туро васф мекунам.

Модари азизам! Ҳар қадар, ки дар васфат сухан гӯям, ҳар қадар, ки туро ситоиш кунаму қадр кунам ва ҳар қадар ки дар наздат сари таъзим фуруд орам, вале ин ҳама назди азамати доштаат, ҳеҷ асту ҳеҷ...

Маҳз ҳамин мақоми волоят ҳаст, ки агарчи ба шумораи регҳои биёбон ва қатраҳои борон то ба қиёмат хизмататро ба ҷо биёрам, вале наметавонам якрӯза ранҷе, ки бароям кашидӣ онро ҷуброн кунам. Офаридгор замини муқаддасро дар қудумат пояндоз карду осмони азимро соя бар сарат намуд, Хуршедро болои сарат маъво дод, то рӯзгорат мунаввар гардад.

Модарҷон, медонӣ чӣ қадар дӯстат медорам? Ба андозаи обҳои дарё, ба андозаи вазнинии кӯҳҳо, ба андозаи масофаи бодҳо, ба андозаи осмонҳо, ба он андозае, ки гуфтанаш бароям воқеан сахт аст.

Модарҷон ҳаёти ман барбод бод, агар меҳратро бо чизе иваз кунам. Ба меҳри беназири ту бояд сухани беназир гуфт...

Дар осмони обии дилам, ҷое барои абрҳо нест ба ҷуз муҳаббати ту. Ҳанӯзам ман туро он қадар, ки лоиқи он ҳастӣ, нашнохтаам модар, то васфатро кунам.

Модар, модар, намедонам маънои ин вожаро дар куҷо ҷустуҷӯ кунам? Аз чашмаи зулол ё аз офтоб? Чун дилат поктар аз обу рӯят нуронитар аз Хуршед аст.

Худоё, ту васф кун, ки натавонистам... Ту бигӯ, ки ман лол мондаам... Чӣ гуна васф кунам он шабҳоеро, ки ман хобу ӯ бедор буд, ман хобу ӯ дар фикри дунёи ман, дар фикри фардову фардоҳои ман буд, ман ғофил аз дунёи хешу ӯ олим ба дунёи ман буд. Осмони пур аз ситора, дашти пур аз гул тақдимат, ки биҳишт зери поят ҷо дорад. Ба ту, эй азизи дилам, ки меҳрат дар дилам ҷовидон аст.

Модари меҳрубонам! Оҳанги садоят зеботарин таронаи дунёст, нафасҳоят танҳо баҳонаи нафас кашиданам ва ҳастият далели зиндагӣ карданам.

Модарҷон чӣ вуҷуди ҷафокашу дили пурмеҳр дорӣ, ки инро наметавон фаромӯш кард. Хона бо будани ту беҳтарин боғи дилангези Худост. Поктар аз ҳама покиҳоӣ, хубтар аз ҳама хубиҳоӣ, босафотар аз ҳама дунёӣ, рӯзат муборак!



*Шамшодаи Шералӣ, донишҷӯи курси 5 – уми факултети химия ва биология*

◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇

## ИДАТ МУБОРАК, МОДАРИ АЗИЗ!

Бузургон ва шоирону нависандагони гузаштаю имрӯза хело хуб васфи модар кардаанд. Ин аст, ки ман низ аз гуфтаҳои онҳо мисли Лоиқу Бозор Собир илҳом гирифта, тараннумгари васфи модари бузургвор гаштаам. Васфи ӯро бо суханони навқаламонаи хеш баён карда, дар симои модари азизам тамоми модарони дунёро васф намуда, иброз медорам:

***Эй модари ҷон, лабат гули хандон аст,***
***Меҳри рухи ту дар назарам тобон аст.***
***Шабҳои дароз то саҳар бедорӣ***
***Ранҷе, ки ту мекашӣ маро бар ҷон аст***

***

***Ту худ ҳастӣ латифу ғамгусорам,***
***Ҳамеша бар забон номи ту орам.***
***Аё эй модари ширинзабонам,***
***Туро ман дӯст дорам, дӯст дорам.***

Ҳарчанд модар худ ранҷ барад ҳам, ҳаргиз озор ёфтани дили фарзандашро намехоҳад. Боре ба модарам розӣ дил гуфтам: "Очаҷон, табиб будан мехоҳам". Ӯ ба ман табассуми маънидоронае карду гуфт: "Пешаи табибӣ масъулияти зиёде мехоҳад. Боварӣ дорам, ки аз ӯҳдааш мебароӣ, духтарам. Бисёртар китоб хон ба мақсад мерасӣ.



*Раҳмонова Шаҳноза, донишҷӯи бахши аввали муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб"*

◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇

## МОДАРАМ ПУШТУ ПАНОҲАМ, РАҲНАМОИ ЗИНДАГӢ

Ба ростӣ, падару модар дар зиндагии инсон нақши аз ҳама бузургро мебозад. Ташаккулёбии фарзанд аз аҳамияти падару модар сарчашма мегирад. Падару модар чун дарахте мебошанд, ки мо фарзандон меваҳои он дарахтем.

***Падар-Модар дилу ҷонам шумоед,***
***Чароғи нури эмонам шумоед.***
***Бимонад умрҳо андар дили ман,***
***Зи баски шуҳрату шонам шумоед.***

Азбаски падарам дар қайди ҳаёт нестанд меҳрубониҳои ӯро рӯи варақ овардан ғайриимкон аст, чунки лаҳзаҳои бо падарам буда хело кам аст ва дар хотираи ман нанишастааст.

Набудани падарам маънои онро надорад, ки ӯро тамоман фаромуш кунам, падарам ҳамеша дар ҳар лаҳзаи зиндагӣ дар дили ман будаанд ва то абад боқӣ мемонад.

Падару – Модари ман фахри ман ҳастанд, номи эшон бароям як дунёи дигарро пеши назар меорад. На танҳо баҳри ман, балки барои ҳар як фард ноёбтарин ва меҳрубонтарин шахс мебошанд.

Падар – Модар шахсони зеботарин дар ҳаёти инсон мебошанд, аммо аз ин ду якеро Худованд ба ман насиб накард, ки ин падарам мебошад. Дар овони кӯдакӣ вақте, ки падарам аз олами ҳастӣ чашм пушидаанд, ташаккулёбӣ ва тарбияи мо бар души модарам афтод. Лаҳзаҳое будаанд, ки модарам ба будани падарам эҳтиёҷ дошт, вале тақдир падарамро аз мо рабуд.

Модарам бо панҷ фарзанд танҳо монд ва аз он рӯз эътиборан камар баста тамоми масъулияти моро бо вуҷуди зан буданаш мардонавор ба ӯҳда гирифт. Ман хурд будам, вале апаҳоям тамоми рӯзҳои талхи зиндагии модарамро бо чашмонашон дида мушоҳида кадаанд. Дируз модарамро оид ба зиндагии гузаштааш суол додам. Модарҷон каме аз зиндагии гузаштаатон ба мо нақл мекунед?

Дар чашмонаш ашк ҳалқа заду ғарқи он рӯзҳои сахти зиндагӣ шуд. Бо хомӯшӣ дар худ фуру рафту баъд аз лаҳзаи мадид ба нақл оид ба ҳаёти сангини хеш гуфт: Шумо фикр накунед, ки ба осонӣ то мартабаи донишҷӯи расидаед. Баъд аз ин сухан тамоми он мушкилиҳое, ки баъди сари падарам барои таълим тарбия ва ба камол расонидани мо кашидааст рози дил кард. Модарам умри хешро дар таълиму тарбияи мо то ин ки дар зиндагӣ ягон камию костагиро ҳис накунем ва умуман дар ташаккули мо сарф кардааст, то ин ки набудани падарамро эҳсос накунем. Ногуфта намонад, ки дар ҳаёт ман инро дарк намудаам, ки агар тамоми шароит муҳаё бошад ҳам, вале ҷойи набуди падар эҳсос мегардад. Аз набудани падарам гилае надорам, зеро Худованд будани ӯро ҳамроҳи мо нахостааст. Модарам тули 17 сол мешавад, ки бе будани падарам ҳамчун соя болои сарамон ҳаст.

Дар воқеъ, модар фаришта аст. Фаришта дар ҳаёти мо, ки дар ҳар лаҳзаи умри хеш ба буданаш ниёз дорем, тамоми сирру асрорамонро танҳо ба ӯ гуфта метавонем.

Дар ташаккулёбии фарзандон кушиши аввалиндараҷаро модар дорост. Модар барои бартараф кардани камбудиҳои мо тамоми кушишҳои худро ба харҷ мебарад. Модари ман такягоҳи ман аст. Вақте ки ба олами ҳасти чашм кушодам аввалин шахсе, ки манро ба оғуш гирифта навозиш медиҳад ин модарам мебошад.

Вақте ки падарам аз дунё гузаштаанд модарам чун мурғи бе болу паре аз хонаи падарам баромада рафт, на бо хоҳиши худаш, ӯро аз хона берун кадаанд, мо фарзандони шуморо ба ухдаи худ намегирем гуфта.

Тавре дар боло қайд кардам модарам камар баста мо фарзандонашро пару боли хеш донист ва то имрӯз аз ӯҳдаи панҷ фарзанд мардонавор баромад. Айни ҳол 4 нафар яъне 1 писар ва 2 духтар баъди гирифтани маълумоти олӣ ва як нафар донишҷӯ оиладор, инчунин 2 нафар коргар ва ману хоҳарам ба ҳайси донишҷӯ дар донишгоҳ дар курси чорум таҳсил менамоем. Тамоми ин аз заҳматҳои пайвастаи модарам мебошад. Шукргузор аз он ҳастам, ки модарам соябон дар болои сарамон ҳаст. Дустон ман аз ҳамаи шумо хоҳиш менамоям, ки ба қадри падару модари хеш расед эҳтироми онҳоро ба ҷо оред зеро рӯзе мешавад, ки барои як дидорашон пазмон хоҳед шуд ва ин дидор насибатон нахоҳад шуд. Ман, ки аз хурдӣ меҳри падарро надидаам аз шумо мехоҳам, ки қадри ин ду шахси бузургро донед, пушт ба сӯи падару модар нагардонед. Зеро ин ду нафар гаҷи ягонаи зиндаги ҳастанд.

Тамоми модарони азизро ба Рӯзи ҷаҳонии Модар табрику шодбош гуфта, шеъри сурудаамро чун ҳарфи дил ба онҳо мебахшам:

**Модар**

***Ҳаст дар дунё касе,ки аз ҳамма боло бувад,***
***Як дуояш баҳри мо арзиши як дунё бувад.***
***Номи ӯ модар бувад баҳри ману баҳри шумо,***
***Ҳастии ӯ дар ҷаҳон баҳри ҳамма зебо бувад.***
***Хоҳ одам шоҳ бошад, хоҳ дарвешу гадо,***
***Бар ҳама шахсияти ӯ дар ҷаҳон якто бувад.***
***Ман барои модари худ шер гӯям ҳар замон,***
***Модари ҳар кас барояш шахси беҳамто бувад.***
***Ҳаст модар баҳри фарзанди худаш воломақом,***
***Модари ман баҳри ман аз ҳар гуҳар воло бувад.***



*Талбакова Баноза Қурбоновна, донишҷӯи курси чоруми факултети филологияи хориҷӣ*

◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇

## МОДАРИ МАН

***Бароям меҳрубони модари ман,***
***Туи равшаннигори хонаи ман.***
***Қуввату дарди дармонам ту ҳастӣ,***
***Гули боғи ҷаҳонам модари ман.***
***Туи сардафтару бахту умедам,***
***Ягона ахтару тоҷи сари ман.***
***Чу хуршеди ҷаҳон тобанда бошӣ,***
***Шавам хоки раҳат эй модари ман***
***Азизу ғамгусор ҳасти бароям,***
***Гули аввалбаҳорам модари ман.***
***Ҳамеша дӯстат дорам беҳтар аз ҷон***
***Туро эй модари ғампарвари ман.***



*Парвина Қурбонова - донишҷӯи курси 2-юми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг*

◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇

## КУҶОИ МОДАРИ ҶОНАМ!

***Куҷоӣ модари ҷонам, биё охир, ки пазмонам,***
***Биё то дардҳоямро, гурезонам, гурезонам.***
***Куҷоӣ модари ҷонам,биё, ки ман парешонам,***
***Биё то ашкҳоямро, бирезонам, бирезонам.***
***Куҷоӣ модари ҷонам, биё, ки ман пушаймонам,***
***Биё то ин дили зорам, ба пеши пот афшонам.***
***Куҷоӣ модари ҷонам, биё, ки узр хоҳонам,***
***Биё то лаҳзае бошад, бубинам моҳи тобонам.***
***Куҷоӣ модари ҷонам, биё, ки бе ту сарсонам,***
***Биё то гирад оромиш дили бе аҳду паймонам.***

## ЁДИ МОДАР

***Модар гӯям, ситора модар гӯяд,***
***Модар гӯям, сайёра модар гӯяд.***
***Ҳар ҷинси замину осмон ҳамраҳи ман,***
***Модар гӯяд, ҳамеша модар гӯяд.***

*Ҳабибова Алқосби – магистранти курси 2-юми факултети физика ва математика*

◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇

## САД ҶОНУ ДИЛ ФИДОИ ЯК МУДДАОИ МОДАР

Модар - олиҳаи ҳусн, тароватн зиндагӣ, сарчашмаи умри инсон, ҳаётбахши ҷовидон ва баъди Илоҳӣ, офарандаи ҳамаи ҷаҳониён аст. Ҳангоми талаффузи ин калима баръало эҳсос мешавад, ки маънояш пурмуҳтаво ва саршор аз меҳру муҳаббат аст. Навозишҳои гарми беандозаи ӯ ба рӯҳ як ҳаловати ҷовидонае дорад. Биёед ба таърихи гузаштаву ҳозираи ҳама одамият назар андозем, ҳангоми ин калимаро аввалин бор ба забон овардан бо шеваҳои зебои алфози кӯдакона мегӯянду мегӯем, Оча, Модар ва ё Аяю Она, вале ширинтарин сухан ба гӯш мерасад, ба тарафи мо, ки мегӯяд ҷони оча. Чун ҳамаи мо аз модар ба дунё омадаем ва ҳама он азиятҳои кашидаи шабонарӯзии модарро медонем ва онҳоро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳем кард.

Ҳар як шахс бояд қадри ин олиҳаи ҳастиро донад ва дуои волидайнро гирад, барои фарзандон дуои падару модар боли парвоз барои фатҳи қуллаҳои муроданд.

*Дустаҳмадзода Зиёвиддин - донишҷӯи курси 3-юми факултети филологияи тоҷик ва журналистика*

*Модар, чу офтоби дурахшон ягонаӣ,*
*Эй нурбахши зиндагиям, зеби хонаӣ. Давлат Сафар*

Анвори дониш
№2 (347), ПАНҶШАНБЕ, 07.03.2024

# КОНФРОНС: ЗАНОН ВА РУШДИ ИЛМИ МУОСИР



Таҳти унвони мазкур 09.02.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба 11 феврал - Рӯзи умумиҷаҳонии занон ва духтарон дар соҳаи илм конференсияи илмӣ-амалӣ баргузор гардид.

Дар конфронс муовини раиси шаҳри Кӯлоб Даминзода Арафамо, профессор Изатова Муҳаббат, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Худойдодова Шарофат ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ширкат варзиданд.

Нахуст, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон суханронӣ намуда, қайд намуданд: "Агар ба таърихи тамаддуни башарият назар афканем, нақши занонро хеле назаррасу муассир хоҳем дарёфт, ки ба шарофати эшон тамаддуни инсоният ба таҳаввулҳои бузурге даст ёфтааст. Ба вижа, дар таърихи гузаштаи ориёитаборон мавқеи зан бузург будааст. Аҷдодони гузаштаи мо нисбат ба зан эҳтироми зиёд доштаанд ва барои ба илму дониш фаро гирифтанашон шароитҳои мусоидро фароҳам меовардаанд. Ҳатто, дар замонҳои хеле қадим нисбат ба Зан - Модар мардумони ориёитабор эҳтироми хоса зоҳир менамуданд, ки дар достонҳои устуравӣ ва ҳикматҳои донишварони замонҳои қадим бармало дида мешавад".

Сипас, муовини раиси шаҳри Кӯлоб, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Даминзода Арафамо дар мавзуи "Занон ва саҳми онҳо дар рушди илм", профессор Изатова Муҳаббат дар мавзуи "Одамӣ аз илм меёбад камол", дотсенти кафедраи журналистика Худойдодова Шарофат дар мавзуи "Иҷтимоишавии гендерӣ ва таҳкими худшиносӣ" маърӯзаҳои худро баромад намуданд. Мавриди зикр аст, ки дар ҷаласаи ифтитоҳӣ ва бахшҳои конференсия беш аз 60 маърӯзаи профессорон ва омӯзгорон бобати бахшҳои гуногун мавриди баррасӣ ва хулосабарориҳо қарор дода шуд.

***Мунисаи Маҳмарабӣ «Анвори дониш»***

## БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ "ФОНУСИ САБЗ"

Санаи 7 феврали соли ҷорӣ дар факултети филологияи руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили "Фонуси сабз"-и назди кафедраи адабиёти хориҷӣ бо МТЗАР баргузор гардид.

Дар маҳфил декани факултет, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарифзода Одинамо, ҷонишини декан оид ба тарбия Иброҳими Аҳмадхон, номзади илмҳои филологӣ, Нурматова Заррина, муаллими калони кафедраи забони муосири рус Сайдамирова Клара, муаллими калони кафедраи адабиёти рус ва МТЗАР ҳамзамон роҳбари маҳфил Ҳалимова Мавҷуда ва дигар омӯзгорону донишҷӯён ширкат варзиданд.

Сараввал роҳбари маҳфил Ҳалимова Мавҷуда маҳфилро ҳусни оғоз бахшида, доир ба мавзуъҳои баррасишаванда ба ҳозирин маълумот доданд.

Сипас, донишҷӯи курси 3-юми факултет Саидова Манижа дар мавзуи "Мавзуи ишқ дар повести А.П Чехов «Дар бораи ишқ»" ва донишҷӯи курси 1-уми факултет дар мавзуи "Масленитса, яке аз ҷашнҳои охири зимистон" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар қисмати дигари маҳфил аз ҷониби донишҷӯён суруду таронаҳо ва саҳначаи тарбиявӣ пешкаши ҳозирин гардид.

***Тошматов Умарҷон «Анвори дониш»***

# ТАДБИРҲО ҶИҲАТИ БАЛАНДБАРДОРИИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ ДАР ДОНИШГОҲ



Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷиҳати дар амал иҷро намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба беҳтар кардани вазъи экологии кишвар, инчунин, муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ, ки зимни ироаи Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ баён доштанд, имрӯз (15.02.2024) дар ҳудуди қитъаи заминхои таҷрибавии донишгоҳ бо иштироки ҳайати васеи кормандон ва донишҷӯён маъракаи шинонидани дарахтони ҳамешасабзро баргузор гардонид.

Ҳайати кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ҷиҳати сарсабзу хуррам гардонидании муҳити зист ва баландбардории маърифати экологии шаҳрвандон дастаҷамъона заҳмат кашида, ба ин васила баҳри тозаву озода намудани қитъаи заминҳои таҷрибавии Донишгоҳ саҳми муносиб гузоштанд.

Тибқи маълумоти қисми хоҷагии Донишгоҳ дар ин маъракаи ниҳолшинонӣ бо истифода аз тавсияву машваратҳои агротехникии мутахассисон зиёда аз 200 адад дарахтони ҳамешасабзи ороишӣ шинонида шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иқдоми мазкурро минбаъд низ идома дода, ҳар ваҷаб заминҳои таҷрибавии назди донишгоҳро самаранок истифода бурда, дар сабзу хуррамгардонии диёр тадбирҳои судмандро рӯйи кор меорад.

***Тошматов Умарҷон «Анвори дониш»***

# БАРГУЗОРИИ ҲАМОИШИ ИЛМӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Санаи 15-уми феврал дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси кафедраи фалсафа ҳамоиши илмӣ таҳти унвони "Заминаҳои меъёриву ҳуқуқии муқовимат бо экстремизм ва терроризм дар шароити истиқлолияти давлатӣ" дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12.2024 ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» баргузор гардид.



Дар ҳамоиш Сайдалиев Додарбек-номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи фалсафа, Ғаюров Лоиқ- мудири кафедра, Исуфов Шердил - сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок намуданд.

Зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ мудири кафедра-Ғаюров Лоиқ ибрози доштанд, ки имрӯзҳо масъалаи бетаваҷҷуҳии насли наврасу ҷавон ва қишрҳои гуногуни ҷомеа ба касбомӯзиву маърифатдӯстӣ, шомилшавии бархе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногун ва гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ тамоми аҳли ҷомеаро ба ташвиш овардааст. Дар шароити истиқлолияти давлатӣ заминаҳои меъёриву ҳуқуқии мубориза бо экстремизм ва терроризм аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё гардидааст. Ҳамзамоназ ҷониби Роҳбари давлат эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» заминаи вусъат бахшидани шуури ҳуқуқӣ ва ҷаҳонбинии ҳуқуқии наврасону ҷавонон ва оммаи мардум мебошад.

Сипас, дотсенти кафедра Сайдалиев Додарбек дар мавзуи "Омилҳои шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дар шароити нави рушди ҷомеа", муаллими калони кафедраи фалсафа Ҳасанов Муҳаммадсаид дар мавзуи "Заминаҳои меъёриву ҳуқуқии муқовимат бо экстремизм ва терроризм дар шароити истиқлолияти давлатӣ" ва Сафарзода Сироҷиддин донишҷӯи курси панҷуми факултети филологияи хориҷӣ дар мавзуи "Хатари кибертерроризм ба идеологияи миллии наврасону ҷавонон" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар интиҳо кори ҳамоиш бо муҳокимаи устодону омӯзгорон ба анҷом расид.

***Муслимаи Амрохон***
***коромӯз***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Сафаралиева Умеда (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Манижаи Ашурзода (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Билети донишҷӯие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-уми факултети филологияи хориҷӣ Давлатзода Нурмуҳаммад (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Исматов Меҳробшо (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Мунисаи Зоирҷон (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Билети донишҷӯие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 3-уми факултети молиявию иқтисодӣ Сафарзода Назрбегим (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Назарализода Баҳодур (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи соли 4-уми факултети молиявию иқтисодӣ Ифтихори Муродалӣ (таҳсили рӯзона) додааст бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ БО НАМОЯНДАГОНИ ҶСП ТАҚХ «ҲУМО» ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ



Санаи 19.02.2024 дар факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷиҳати таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон "Оид ба омӯзиши осори шоира Розияи Озод ва писараш академик Бобоҷон Ғафуров", бо ибтикори филиали ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» дар минтақаи Кӯлоб ва кафедраи молия ва қарзи донишгоҳ семинари омӯзишӣ баргузор гардид.

Дар кори семинар декани факултети мояливию иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ, мудири кафедраи молия ва қарз, дотсент Комилов Низомиддин, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шамшоди Ҷамшед, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими кафедраи молия ва қарз Сафаров Зулфиқор ва кормандони филиалҳои ҶСП ТАҚХ «Ҳумо»-и ноҳияҳои Темурмалик, Данғара ва шаҳри Кӯлоб иштирок доштанд.

Пеш аз оғози семинар декани факултет, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ ва мудири кафедраи молия ва қарз номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Комилов Низомиддин суханронӣ намуда, ба кори тренинг барор хостанд.

Сипас, Зулфиқор Сафаров - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва қарз ва Шамшоди Ҷамшед - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ҳамчун маърӯзачии тренинг масъалаҳои ҳаёт ва фаъолияти Розияи Озод ва нақши ӯ дар ташаккули шахсии фарзандонаш Бобоҷон ва Тоҷниссо Ғафуровҳо муҳокима карда шуданд.

Қайд гардид, ки Бобоҷон Ғафуров дар муҳите тарбия ёфта буд, ки дар он муҳаббат ба илму дониш ва фарҳангу адаб арзиши баланд дошт. Аз ҷумла, модари ӯ шоираи номдор Розияи Озод, ки бо асарҳои адибони классики тоҷик, хусусан, бо осори устод Рӯдакӣ, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизу Бедил ва дигар шоирону донишмандон ошноии комил дошт, дар ташаккули шахсияти фарзанди худ нақши ҳалкунанда бозид. Ӯ барои фарзандонаш намунаи ибрат гардид, ки писараш, Бобоҷон Ғафуровро ба интихоби роҳи оияндаи худ водор сохт.

*Тошматов Умарҷон «Анвори дониш»*

# ШУКӮҲУ ШУҲРАТАТ БОДО МУБОРАК, АРТИШИ МИЛЛӢ!

Бо ҳамин унвон 22-юми феврали соли 2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба истиқболи 31-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии бошукӯҳи фарҳангӣ-фароғатӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарияти Донишгоҳ, собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ иштирок намуданд.

Пас аз садо додани Суруди миллӣ, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни ироаи сухани ифтитоҳии чорабинии ҷашнӣ собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳро ба ифтихори 31-умин солгарди таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавҳари аслии онро эҳсосоти наҷибе чун ватандориву садоқат, ҷавонмардиву ҷасорат, қаҳрамониву шуҷоат ва фидокориву матонат ташкил дода, ҷиҳати қадршиносии собиқадорони ҷангу меҳнат ва ташвиқи ҷавонону наврасон ба хидмати Модар - Ватан, ҳифзи сулҳу субот, тамомияти арзии кишвар, амнияту осоиштагии мардум, истиқлолияти давлативу ваҳдати миллӣ ҳамасола дар саросари кишвар бошукӯҳу ҷалоли хосса таҷлил мешавад, табрику таҳният гуфта, ба ҳозирин ва кулли ҳамдиёрон, ҷавонмардони далеру шуҷои Ватан саломативу сарбаландӣ, бахту иқболи баланд ва дар таҳкими амнияту суботи кишвар, ҳифзи арзишҳои милливу истиқлолияти давлатӣ шарафи хидмати шоиста ва фаъолияти пурсамарро таманно намуданд.



Ҳамчунин дар идомаи суханронӣ ректори донишгоҳ иброз доштанд, ки ойинаи таърихи миллат мунъакиси ин воқеият аст, ки Артиши миллии мо дар вазъи ниҳоят мураккаби сиёсӣ бо сарварии Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раҳбари сулҳҷӯю Ваҳдатгаро мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо итминони қавӣ ба азму иродаи мардуми кишвар созмон дода шуд. Бо эъмори ин сипари боэътимоди давлатдорӣ, зери ливои иттиҳоду сарҷамъӣ ва дар натиҷаи фаъолияти пурсамару заҳматҳои мушкилситез, мо ба комёбиҳои бузурги иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ ноил шуда, арзишҳои фарҳангӣ ва ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик, ҳамакнун, маълуми ҷаҳониёнанд.

Бо ифтихормандӣ иброз гардид, ки Давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон бо раҳнамоии хирадмандонаву дастуроти созандаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш намекунанд. Хотираи неки ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пойдории сулҳу субот, ҳимояи марзу буми Ватан ҷони худро нисор кардаанд, ҳамеша чун дарси ватандориву вафодорӣ, василаи ташвиқу тарбияи насл ҳо пос медоранд.

Дар идомаи чорабинӣ бо ибтикори раёсати Донишгоҳ бахшида ба 31-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои тантанавӣ бо қироати фармоиши ректори Донишгоҳ собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки айни ҳол дар Донишгоҳ фаъолияти илмӣ-педагогӣ доранд, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ гардиданд. Ҳамчунин 20 нафар омӯзгорону кормандони ҷавони Донишгоҳ, ки ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар гардида, хизмати Модар-Ватанро мардонавор иҷро намудаву барои фаъолият ба Донишгоҳ баргаштаанд, бо «Сипоснома»-и ректори Донишгоҳ барои фаъолияти назаррасу судманд сарфароз гардонида шуданд.

Дар идома чорабинии бошукӯҳи фарҳангӣ-фароғатии ансамбли "Наво"-и бахши фарҳанги донишгоҳ бахшида ба 31-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарогирии суруду таронаҳои таранумгари сулҳу дӯстӣ табъи ҳозиринро болида гардонида, ба шукӯҳи чорабинӣ ҳусни дигар зам намуд.

*Муҳаммадҷони А. «Анвори дониш»*

# РАВАНДИ КОРҲОИ САБЗУ ХУРРАМГАРДОНӢ ВУСЪАТИ ТОЗА МЕЁБАНД



Дар партави дастуру супоришҳо ва иқдомҳои бунёдкоронаю созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба вусъат бахшидани корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ ва хуррамгардонии ҳар як гӯшаи диёр дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мунтазам шанбегиҳои дастаҷамъонаи донишгоҳӣ гузаронида мешавад.

Дар ин робита санаи 17.02.2024 ҳайати донишҷӯёну омӯзгорон ва кормандони бахши хоҷагӣ ҷиҳати ободу зебо гардонидани заминҳои худуди Донишгоҳ ва ҳавлии назди биноӣ кӯдакистони он ба шанбегии дастаҷамъона баромада, роҳравҳо ва гирду атрофи биноҳои Донишгоҳ, зери гулу буттаву дарахтонро аз растаниҳои бегона, чуйборҳоро аз партовҳо тоза намуда, муҳити атрофро покиза намуданд.

Зимнан дар ҳавлии назди биноӣ кӯдакистони Донишгоҳ зиёда аз 50 бех дарахтони ороишии ҳамешасабз ва мевадиҳанда шинонида шуд.

*Тошматов Умарҷон «Анвори дониш»*

# ЧОРАБИНӢ БАХШИДА БА РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Санаи 23.02.2024 дар факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши илмӣ-бадеӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ декани факултет, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Исупов Дилшод, мудири кафедраи биология ва методикаи таълими он, номзади илмҳои педагогӣ Бобоев Бахтиёр, ҷонишини декан оид ба таълим Холов Сино, ҷонишини декан оид ба тарбия Ташрифи Шариф ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Нахуст, декани факултет, дотсент Исупов Дилшод суханрони намуда, чорабиниро оғоз намуда, ҳамагонро ба Рӯзи Артиши миллӣ табрику таҳният гуфтанд.

Сипас, донишҷӯи курси якуми факултет Давлатова Гулноза дар мавзуи "Таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон" маърӯзаи худро ироа намуд.

Баъдан аз ҷониби донишҷӯёни факултети химия ва биология дар васфи Ватан, Артиши миллӣ ва матонату қаҳрамонии сарбози тоҷик шеъру таронаҳо ироа гардид.

Чорабинӣ дар фазои садо додани сурудҳои ватандӯстӣ, садоқат ба давлат ва Пешвои маҳбуби миллат ба анҷом расид.

*Тошматов Умарҷон «Анвори дониш»*

# ВАРЗИШ-ҚОСИДИ СУЛҲ ВА ОМИЛИ СОЛИМИИ ҶОМЕА



Бо мақсади оммавигардонии варзиш ва ташаккули тарзи ҳаёти солим субҳи 17-уми феврали соли 2024 дар саҳни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳти унвони мазкур машқи пагоҳирӯзӣ бо иштироки ҳайати васеи омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ баргузор гардид.

Дар ҳақиқат тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар баробари ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим, омили муҳим ва муассиртарин шева барои таҳкими дӯстӣ ва ҳамкориҳо миёни на танҳо варзишгарон, балки мамолики ҷаҳон аст. Дар ин баробар варзиш омили муҳим ва воситаи ҷаҳонбинии инсон, ба ҳамдигар муаррифӣ кардан ва наздик гардидани халқу миллатҳо ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои мухталифи ҷаҳон мегардад.

*Мунисаи Маҳмарабӣ «Анвори дониш»*

Ин хок, ки ҳамчу модараш медонам,
Аз ҷони азиз беҳтараш мехонам. А. Муродӣ

Анвори дониш
№2 (347), ПАНҶШАНБЕ, 07.03.2024

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ-ШУКӮҲИ ДАВЛАТУ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Бо ҳамин унвон санаи 01.03.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вохӯрии намояндагони мақомоти прокуратураи минтақа ва шаҳри Кӯлоб бо ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, прокурори шуъбаи назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои граждани, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурии прокуратураи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, мушовири адлияи дараҷаи 2 - Мирзозода Анвар Мавлон, муовини прокурори шаҳри Кӯлоб, мушовири адлияи дараҷаи 2 - Ғоибназарзода Атохуҷа Амирхуҷа, ҳайати раёсати Донишгоҳ, профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён ширкат намуданд.

Ректори Донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни сухани ифтитоҳии вохӯрӣ ба намояндагони мақомоти прокуратураи минтақа ва шаҳри Кӯлоб бобати доир намудани вохӯрии судманд изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуданд. Дар зимн иброз доштанд, ки таърихи 28.01.2023 Паёми ояндаафрӯзу раҳнамои Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ироа ва соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, ҳаёти сиёсиву ҳуқуқӣ, фарҳангиву маданӣ ва сиёсати хориҷии мамлакат мавриди таҳлилу арзёбии мукаммал қарор гирифта, самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати ҷумҳурӣ, Маҷлиси Олӣ, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ, бо назардошти мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, муайяну мушаххас гардид.

Пешвои маҳбуби миллат, бо эътимоди комил ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон, даъват ба амал оварданд, ки ҳама якҷо бо кору фаъолияти аҳлона Ватани азизамонро,



хусусан, то ҷашни бузурги миллӣ- 35-солагии истиқлолияти давлатӣ ободу зебо, давлати соҳибистиқлоламонро пешрафта ва эътибору обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Сипас, Мирзозода Анвар Мавлон-прокурори шуъбаи назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурии прокуратураи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, мушовири адлияи дараҷаи 2, мақсад аз баргузории вохӯрии мазкурро шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ намуда, доир ба эълон гардидани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ", мубориза ва муқовимат бо экстремизм ва терроризм, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ва тарбия намудани насли наврасу ҷавон дар руҳияи худшиносиву меҳандӯстӣ, изҳори андеша намуд. Дар зимни суханронӣ баён доштанд, ки вазъияти муосир муаммои таъмини амнияти миллӣ нисбат ба дигар масъалаҳои рушди сиёсӣ афзалият дорад, зеро барои давлати муосир ҳалли муаммоҳои амнияти миллӣ аз ҳарвақта дида, барои таъмини ваҳдату якпорчагӣ, нигоҳ доштани асолат ва ягонагии фарҳангу маданият аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар ин росто сармашқи кори худ қарор додани дастуру супоришоти хирадмандонаву фарҳангпарваронаи Пешвои маҳбуби миллат дар роҳи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди таъсирбахш ҷиҳати тарбияи маънавию ҷисмонии ҷавонон, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббати онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ, маърифатнокӣ, худогоҳӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, эмин нигоҳ доштани насли ҷавон аз таҳдидҳои замони муосир амрӣ зарурӣ ва омилӣ муваффақшавӣ дар ин роҳ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, бо назардошти 30-солагии қонуни асосии давлати соҳибистиқлол- Конститутсия эълон шудани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» падидаи бисёр хушоянду мавриди истиқбол буда, аз масъулин, хосатан муассисаҳои соҳаи маориф роҳандозии силсилаи чорабиниҳои илмӣ-маърифатӣ, озмуну олимпиадаҳо, тарғибу ташвиқи васеи асосҳои конститутсионии давлат ва қонунгузории миллиро тақозо менамояд. Зеро дар амалигардонии фаъолияти бисёрҷанбаи маърифати ҳуқуқӣ низоми маориф нақши асосӣ дорад ва ҳадаф аз он ташаккули асосҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, инчунин густариши ҷаҳонфаҳмии илмии ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ намудани талаботи ҳуқуқӣ дар назар дошта мешавад.

Дар идома, Ғоибназарзода Атохуҷа Амирхуҷа- муовини прокурори шаҳри Кӯлоб, мушовири адлияи дараҷаи 2, доир ба мубориза ва муқовимат бо экстремизм ва терроризм ва роҳу равишҳои пешгирии мубориза бо онҳо нуктаҳои ҷолибу асоснокро ироа намуда, аз ҳозирин даъват ба амал овард, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, дар амалигардонии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар саҳмгузор бошанд ва бо тамоми падидаҳои номатлуб ва номақбули ҷомеа оштинопазириро пешаи худ намоянд.

Зимнан доир ба хавфу хатар ва оқибатҳои манфури равияву гурӯҳҳои ифротӣ ибрози андеша намуда, дараҷаи пасти донишҳои дунявӣ, мувофиқат накардани тасаввуроти илмӣ-дунявӣ нисбат ба ҷаҳонбинии динии наврасону ҷавонон; пурзӯршавии таъсири идеологияи динӣ ва тавассути он маҳдуд гардидани хусусиятҳои фарҳанги миллӣ; ба муҳтаво ва самтгирии вазъи идеологияи тахрибӣ пурра мувофиқат накардани шаклу усул ва мантиқи корҳои фаҳмондадиҳӣ омили таъсиррасонӣ ва гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои мазкур арзёбӣ намуданд.

Зимни суханронӣ таъкид доштанд, ки барои пешгирии ҳолатҳои номатлуб ва таълиму тарбияи дурусту дар роҳи садоқату эҳтиром ба фарҳангу арзишҳои миллӣ, худшиносиву ватандӯстӣ ба камол расидани насли наврасу ҷавон моро лозим меояд, ки бо омӯзиши амиқи таърихи гузашта ва фарҳанги пурғановати ниёгон даст ба кор шавем ва дар пешбурди сиёсати Ҳукумати мамлакат дар амал саҳмгузор бошем.

*Муҳаммадҷони А. «Анвори дониш»*

# ҚАДРДОНИИ ҒОЛИБОНИ ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЗМУНИ "МАГИСТРАНТИ СОЛ"




Санаи 29.02.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ҳошияи баргузории ҷаласаи Шурои олимон бо ибтикор ва дастгирии раёсати Донишгоҳ ғолибони даври донишгоҳии озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» қадрдонӣ гардиданд.

Дар ин робита фармоиши ректори донишгоҳ ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ ба тасвиб расида, ғолибони даври донишгоҳии озмун бо "Ифтихонома" ва мукофоти пулӣ ба тарзи зерин ҳавасманд гардонида шуданд: 1.Одинаева Мавзуна – магистранти курси 1-уми факултети филологияи хориҷӣ, барои ишғоли ҷойи якум, дар ҳаҷми се стипендияи муқаррарӣ; 2.Мадасани Азизмад – магистранти курси 2-юми факултети иқтисод ва идора; 3.Тошматов Хусрав – магистранти курси 1-уми факултети филологияи тоҷик ва журналистика, барои ишғоли ҷойи дуюм, дар ҳаҷми ду стипендияи муқаррарӣ; 4.Давлатов Умедҷон – магистранти курси 1-уми ихтисоси факултети химия ва биология; 5.Абдураҳмонова Мавлуда – магистранти курси 2-юми факултети филологияи рус; 6.Парвинаи Бахтиёр – магистранти курси 2-юми ихтисоси факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг, барои ишғоли ҷойи сеюм, дар ҳаҷми як стипендияи муқаррарӣ.

Озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» бо мақсади дарёфти чеҳраҳои нави лаёқатманд, соҳибмаърифат ва ташаббускор, роҳ надодан ба ҳар гуна ақидаҳои ифротӣ ва омилҳои номатлуб, ташаккули афкори солим, ғанӣ гардонидани сатҳи ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокӣ, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва таҳкими зеҳни миллии ҷавонон ҷиҳати иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти илмӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гузаронида шуд.

*Тошматов Умарҷон «Анвори дониш»*

# ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ШАҲРИИ "КАДБОНУИИ БЕҲТАРИН"

Таърихи 29 феврал дар асоси Нақша – чорабиниҳои Мақомоти иҷроя ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб раиси шаҳри Кӯлоб даври шаҳрии озмуни «Кадбонуи беҳтарин» баргузор гардид, ки дар он ҳайати кормандон ва донишҷӯдухтарони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ



иштироки фаъолона намуда, ғолиби ҷойи дуюм дониста шуда, бо Дипломи дараҷаи Мақомоти иҷроия ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб раиси шаҳри Кӯлоб сарфароз гардонида шуданд.

Ҳадаф аз баргузории озмуни «Кадбонуи беҳтарин» ин ҷалб намудани занону духтарони ҳунарманд, кадбонуҳои соҳибзавқ ба эҳё ва рушди анъанаҳои миллӣ, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, омода намудани духтарон ба ҳаёти мустақилона, баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ ва меҳанпарастӣ дар замири насли ҷавон, эҳё ва ҳифзу нигоҳдошти беҳтарин суннатҳои миллии ниёгонамон дар самти омода намудани хӯрокҳои миллӣ, хӯришҳои болаззат, таомҳои маҳаллӣ, баланд бардоштани завқи кадбонугӣ ва ҳунари дастархоноройӣ арзёбӣ мегардад.

*Мунисаи Маҳмарабӣ «Анвори дониш»*

# СИФАТИ ТАҲСИЛОТ – НИШОНДИҲАНДАИ РАҚОБАТПАЗИРӢ

*(дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон)*



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ (28.12.2023) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми паҳлуҳои соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷамъиятӣ, аз ҷумла илму маорифи кишварро таҳлилу баррасӣ намуданд. Дар ин замина, доир ба рушду нумӯъ ва мавқеи маориф дар ҷомеаи муосир сарвари давлат вазорату идораҳои дахлдорро ҷиҳати ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифдор намуда, дастуру супоришоти мушаххасеро ироа намуданд.

Дар воқеъ, дар шароити имрӯзаи рушди истеҳсолоту иқтисодиёти ба дониш асосёфта маориф якз аз омилҳои муваффақияти пешрафти давлат ба ҳисоб меравад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъияту давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва, умуман, рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи маориф, ташкили ҷараёни мураттабу хушсифати таълиму тарбияи муҳассилин, дар маҷмуъ, аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

Дар ин робита масъалаи калидии таҳкиму ташаккули низоми таълиму тарбия (таҳсилот ва маориф), пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати он мебошад. Зеро бо паст будани сифати маориф (таълиму тарбия, таҳсилот) миёни талаботи истеҳсолоту иқтисодиёти ҷомеа ихтилоф ба амал меояд. Сифати пасти маориф имкон намедиҳад давлату ҷомеа ба дараҷаи рушде ноил гарданд, ки ба он эҳтиёҷ доранд. Аз ин ҷост, ки сифати маориф иқтдори иқтисодӣ, зеҳнӣ ва маънавии ҳар як кишварро муайян менамояд. Дар ин маъно, сифати маорифро сарвари давлат дар баромадашон зимни ироаи Паём бо чунин мафҳумҳои бунёдӣ, монанди сатҳи зиндагӣ, иқтидори иқтисодии мамлакат, қобилияти устувории давлат ба шароитҳои тағйирёбандаи ҷомеа ҳамоҳанг қайд намуданд.

Диалектикаи моҳият ва зуҳуроти таълиму тарбия, ниҳоят илму маориф дар он ифода меёбад, ки ниҳоӣ дар ҷаҳони имрӯза ба захираи муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон мубаддал гардидааст. Маҳз бо дарки фалсафии муқаррароти мазкур рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтари таълиму тарбияи наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоии давлат дониста шудааст. Зеро дар давраи истиқлолият харочот ба соҳаи иҷтимоӣ, бахши илму маориф ҳар сол афзуда, дар сохтори молиявии низоми маориф тағйироти куллӣ ба миён омадааст. Ин нуктаро сарвари давлат дар баромадашон чунин қайд намуданд: "Бо фароҳам омадани имконият хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ тақвият дода шуда, харочот барои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017 ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд, яъне 1,9 баробар зиёд гардид".

Бояд қайд кард, ки бе дарназардошти таъмини сифати таълиму тарбия, ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгу будани тахассусҳо, бе алоқамандии илму истеҳсолот ва татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот харочот ба соҳаи маориф амали беҳуда мегардад.

Бинобар ин, зарурати моҳиятан баланд бардоштани сифат ва иҷроиши самараноки нақшаву барномаҳои таълимӣ, бунёди методу технологияҳо, ташкили таълими босифат дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгу будани он рӯз то рӯз аён мегардад. Ҳамзамон масъалаи дастрасӣ ва гирифтани маълумоти олии босифат ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат имрӯзҳо яке аз масъалаҳои рӯзмарра буда, таъминоти илм, истеҳсолот, мақомоти идора бо кадрҳои баландихтисос яке аз вазифаҳои муҳимтарини маориф (МТОК) мебошад, зеро иқтидори зеҳнӣ ба омили муайянкунандаи рушди ҷомеа мубадал гардидааст. Вобаста ба ин зарурат, сарвари давлат таъкид доштанд, ки "Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, уҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд". Дар робита ба ин баён доштан лозим аст, ки баланд бардоштани сифати таҳсилот дар шароити кунунии рушди ҷомеаи башарӣ яке аз авлавиятҳои муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб рафта, заминаи рақобатпазириро дар низоми маориф фароҳам хоҳад овард.

Бо дар назардошти нукоти боло, бартараф сохтани мушкилоти ҷойдошта, истифода ва татбиқи пешниҳодҳо дар фаъолият барои гузариши муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба раванди ҳамгироии таҳсилоти байналмилалӣ авлавият ва сариваќтӣ мебошад. Нақши интситутҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ (тиҷоратӣ) дар раванди мазкур аҳамияти аввалидараҷа дорад, чунки дар шароити пур аз таззод ва дигаргуниҳои рӯзафзун дар низоми сиёсат ва фарҳанги ҷаҳонӣ иқтидор ва нуфузи давлатро дараҷаи рушди маориф ва илми он муайян менамояд. Пас, зарурат пеш омадаст, ки тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ нисбати масъалаҳои баланд бардоштани нерӯи зеҳнии олимону мутахассисон, сатҳу сифати таҳсилот дар ҳама зинаҳои таҳсил, ба роҳ мондани барномаҳо ва лоиҳаҳои муштараки илмӣ-техникӣ, васеъ намудани доираи имкониятҳо ва ғайра дар маркази диққати давлату ҳукумат қарор дода шаванд.

Дар ин замина, ҷиҳати ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Пешвои миллат ба Вазорати маориф ва илм, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ дастур доданд, ки "... дар доираи лоиҳаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ анҷом додани таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва дар раддабандии ҷаҳониву минтақавӣ мавқеи шоиста ишғол намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таъмин карда шавад".

Дар партави таъкидҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ин баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва бо ин восита омода намудани мутахассисони ҷавони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ба ҳисоб меравад. Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" бо мақсади татбиқи амалии амру фармонҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва корбасти усулҳои фаъоли таълим кӯшиш ба харҷ дода истодааст.

Бояд гуфт, ки дар муассиса бо талошҳои пайвастаи роҳбари Донишгоҳ пойгоҳи моддӣ – техникӣ тақвият ёфта, дар заминаи факултетҳо озмоишгоҳҳои муосир ва кабинетҳои тахассусӣ таъсис дода шуда, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ин самт чораҷӯиҳои зиёде роҳандозӣ гардида истодааст.

Натиҷаи тадбирҳои дурандешонаи роҳбарияти Донишгоҳ ва таъмини иҷрои нақшаву чорабиниҳо дар ин самт буд, ки нақшаву барномаҳои таҳсилотӣ (аз рӯйи самт) барои ихтисосҳои амалкунандаи муассиса пурра навсозӣ ва бо талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ мутобиқ гардонида шуданд. Инчунин, ҷиҳати татбиқи барномаи муҳим дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ташкили ихтисосҳои нави рақобатпазир дар бозори меҳнат раёсати Донишгоҳ тадбирҳои зиёдеро рӯйи кор оварда истодааст.

Ҳамзамон, дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳтар намудани малакаи касбии омӯзгорон раёсати Донишгоҳ курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгоронро моҳҳои декабр-январи соли таҳсили ҷорӣ ташкил намуд. Мавриди зикр аст, ки 87 нафар омӯзгорон аз рӯйи равияҳои забоншиносӣ, математика ва психология моҳи декабри соли 2023 бо ҷалби мутахассисони Донишгоҳи педагогии Алтайи Федератсияи Россия, 27 нафар омӯзгорон аз рӯйи равияи таъриху ҳуқуқ ва 26 нафари дигар аз рӯйи равияи химияву биология бо ҷалби методистону коршиносони варзида курси такмили ихтисосро гузаштанд. Роҳандозӣ намудани курсҳои мазкур ҳамчун омили бардоштани савияи дониш ва маҳорати касбию педагогии ҳайати устодону омӯзгорон ҷиҳати беҳтар гардидани нишондоди таълиму тарбия дар Донишгоҳ ва баланд бардоштани обруву нуфузи ин муассиса мусоидат менамояд.

Дар робита бо таъкидҳои Пешвои муаззами миллат оид ба низоми маорифи муназзам мо кормандони соҳаро мебояд, ки дастуроти Роҳбари давлатро сармашқи кори худ қарор дода, уҳдадориҳои худро сари вақт ва босифат иҷро намуда, ҷиҳати рушди соҳа, беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот ҷаҳду талоши худро дучанд намуда, дар рушд ва пешбурди низоми маорифи кишвар саҳмгузор бошем.

*Саидзода Қ.С. – сардори раёсати таълим;*
*Камолов Ш.В. – муовини сардори раёсати таълим*

*Гар шоирони олам якҷо мадеҳа гӯянд,*
*Як байт ҳам наарзад андар санои модар. Лоиқ Шералӣ*

Анвори дониш
№2 (347), ПАНҶШАНБЕ, 07.03.2024

**Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои миллиreferences ливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст.**

*Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*

## ХУШХАБАР



Санаи 17-уми феврали соли 2024 АБДУЛОВ ДИЛШОД НАЗАРОВИЧ - саромӯзгори кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рисолаи номзадии худро дар мавзуи «РУШДИ БОСУБОТИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН» зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ғаниев Таваралӣ Бобоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 - менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) дар Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ намуд. Раёсат, ҳайати профессорн ва омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳаққиқ ва роҳбари илмиашро барои муваффақона ҳимоя намудани рисолаи илмӣ, сидқан, табрику шодбош гуфта, дар корҳои илмии минбаъдаашон барору комёбиҳо таманно менаоянд.

## МОДАР

*Сарлавҳаи шеъру достонам модар,*
*Ҳамдарду давои ҷисму ҷонам модар.*
*Дорам зи худо талаб, ки садсола шавӣ,*
*Номи ту ҳамеша дар забонам модар.*
*То панду насиҳати туро гӯш кунам,*
*Ҷо карда ба мағзу устухонам модар.*
*Ҳар ҷо, ки равам номи ту бошад ба забон ,*
*Рухсораи сурху арғувонам модар.*
*Аз меҳри падар хоҳараку додаракам,*
*Ту бахти баланди ҷовидонам модар.*
*Яктои манӣ, модари ғампарвари ман,*
*Устуни замину осмонам модар.*

## ЭЙ ВАТАН

*Бо ту бошам, эй ватан, бо амривиҷдон зиндаам,*
*Зодаи хатлонаму ҳам бо Зарафшон зиндаам.*
*Ман чу кӯҳи осмонбӯси Бадахшон ҷовидон,*
*Сафарозам, бо баландии Бадахшон зиндаам.*
*Сирру Ому посбони марзу буми кишварам,*
*Бо ҳама рӯди равону обшорон зиндаам.*
*Мардуми тоҷик бошад ҳомдору сарбаланд,*
*Дар диёри нодори оли Сомон зиндаам.*
*Ҳар куҷо бошам агар, тоҷику тоҷикзодаам*
*Бо Ватан дар хоки поки Тоҷикистон зиндаам.*

**Низом Барот**

## СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

Раёсат, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки дар моҳи марти солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!

Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффақият пайваста амалӣ гардад.

1.ҲУСЕЙНИ БОБОҶОН, 2.03.1992, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;
2.ХИДИРОВ ФАРҲОД, 03.03.1983, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит;
3.МАСТОНАИ РАҲМАТЗОДА, 05.03.1992, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
4.ШАРИФОВА ҲАНИФА, 06.03.1967, лаборанти кафедраи химия ва методикаи таълими он;
5.ФАТҲУЛЛОЗОДА АБДУХОЛИҚ, 8.03.1989, н.и.и., декани факултаи молиявию иқтисодӣ;
6.ВАЛИЕВА ҲАЛИМА, 8.03.1979, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ;
7.ФАРХУДИНОВ ИСУФ, 10.03.1955, н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими он;
8.ИЗЗАТОВА МУҲАББАТ, 10.03.1952, д.и.п., профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
9.САФАРОВ ЗУЛФИҚОР, 11.03.1992, муаллими калони кафедраи молия ва қарз;
10.САФАРЗОДА МУНИР, 11.03.1987, н.и.п., дотсент, муовини ректор оид ба тарбия;
11.АШУРОВА МУРОДБЕГИМ, 12.03.1981, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
12.АМИРХОНИ ШАРИФХОН, 12.03.1993, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;
13.НАҶОТОВА САФАРБӢ, 12.03.1974, ҳуруфчини рӯзномаи “Анвори дониш”;
14.ИЗАТОВА НОЗАНИН, 13.03.1987, муаллими калони кафедраи психология;
15.ШАҲБОЗИ РУСТАМШО, 14.03.1990, н.и.ф., муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;
16.НАМОЗОВ АМОНУЛЛО, 14.03.1990, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;
17.АБДУРАҲМОНОВА ГУЧЕҲРА, 14.03.1961, муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърих;
18.ОДИНАЕВ КОМРОН, 14.03.1995, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ;
19.ХИДИРОВ ХУДОЙҚУЛ, 15.03.1955, н.и.ф-м, дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо;
20.РАҲМОНОВ ҲАБИБУЛЛО, 15.03.1989, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;
21.АЛАМОВА ХАТИЧА, 15.03.1977, мудири лабораторияи кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;
22.САЙДАҲМАДОВА САДБАРГ, 16.03.1981, ассистенти кафедраи фанҳои табиию риёзӣ ва методикаи таълими он;
23.НИЁЗОВ ШОКИР, 18.03.1984, муаллими калони кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо;
24.ЗОИРОВ ИСМОН, 19.03.1988, муаллими калони кафедраи география ва сайёҳӣ;
25.ОДИНАЕВА МАРҲАБО, 19.03.1991, н.и.ф., муаллими калони кафедраи журналистика;
26.ЁҚУБОВА АДОЛАТ, 19.03.1983, лаборанти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;
27.НАЗАРОВ ТАҒАЙМУРОД, 21.03.1946, муаллими калони кафедраи педагогика;
28.РАЗЗОҚОВ НАВРӮЗ, 23.03.1995, сардори шуъбаи ҷавонон;
29.АКБАРОВА БИБИНИСО, 22.03.1985, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими он;
30.МИРЗОЕВ СӮҲРОБ, 24.03.1970, муаллими калони кафедраи фалсафа;
31.КАРИМОВА НАЗОКАТ, 27.03.1974, н.и.ф-м., дотсент, мудири кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо;
32.МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД, 27.03.1992, сармуҳаррири рӯзномаи “Анвори дониш”;
33.АБДУЛАЗИЗОВ АБДУЛҲАКИМ, 28.03.1961, н.и.ф-м., дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо;
34.ДАВЛАТОВА РУХСОРА, 28.03.1988, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
35.ҚУРБОНОВ ДИЛОВАР, 28.03.1962, муаллими калони кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;
36.ҚОСИМОВ ПУЛОД, 28.03.1997, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
37.РАҶАБОВ АМИНҶОН, 29.03.1989, муаллими калони кафедраи фалсафа;
38.АБДУЛЛОЕВА МЕҲРИНИСО, 29.03.1966, муаллими калони кафедраи психология;
39.ҚАРАҚУЛОВ АЛОВУДДИН, 30.03.1975, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;

*Таҳияи Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус*

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

**МУАССИС:**
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК, *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, *доктори илмҳои фалсафа, профессор*
АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ, *номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, *номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, *доктори илмҳои таърих, профессор*
МИРЗОЕВ САЛИМ, *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН, *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
РАФИЕВ САФАРХОН, *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
САФАРЗОДА МУНИР, *номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД, *номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

**САРМУҲАРРИР:**
МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД

**ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:**
ИБРОҲИМИ ЮСУФ

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома на ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Сифати чопи рӯзнома ба дӯши матбаа аст
Адади нашр: 5000 нусха

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд.
Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

**НИШОНӢ:**
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3-31-15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63

**БО МО ҲАМРОҲ БОШЕД!**
СОМОНА | FACEBOOK